201__
A
Alisher Navoiy
nomidagi
O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

11 январи соли 2020. Шанбе
№ 4 (14603)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

## ОИД БА МИНБАЪД ТАКМИЛ ДОДАН ВА РУШДИ АРМИЯИ МИЛЛӢ ВАЗИФАҲОИ УСТУВОР МУАЙЯН ШУДАНД



**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев 10 январ, дар арафаи Рӯзи муҳофизони Ватан ба Академияи Қувваҳои Мусаллаҳ ташриф овард.**

Роҳбари давлатамон ба ин ҷо моҳи январи соли 2017 омада, оид ба дар пойгоҳи Омӯзишгоҳи олии қумондонии умумқӯшунии Тошканд ташкил кардани муассисаи комилан нави таълимӣ супориш дода буд. Вақти зиёд нагузашта қарори дахлдори Президент қабул гардид ва омӯзишгоҳ ба Академияи Қувваҳои Мусаллаҳ, ки дар худ технологияҳои пешқадамтарин ва воситаҳои замонавии таълимро муҷассам гардондааст, табдил дода шуда буд. Моҳи январи соли 2018 Сарфармондеҳи Олӣ бо фаъолияти академияи нав шинос шуда буд.

Имрӯ дар академия шароит ва мазмуни ҷараёни таҳсил куллан тағйир ёфтааст. Дарсхонаҳо бо техникаи замонавии компутерӣ, таҷҳизоти таълимиву лабораторӣ муҷаҳҳаз гардонда шудааст. Маркази замонавии ситуатсионӣ, тренажерҳо ташкил карда шудааст.

Соли гузашта бинобар навсозии академия корҳо идома ёфта, объектҳои нав қад афрохтанд. Барои тайёрии таълимиву ҳарбии курсантҳо, бо варзиш шуғл варзидани онҳо имконниятҳои иловагӣ фароҳам оварда шуданд.

Дар назди академия Шӯрои илмиву методӣ таъсис дода шуд, ки ҷараёни таълиму илмро дар тамоми муассисаҳои таълими олӣ ва миёнаи махсуси ҳарбии мамлакатамон мутобиқ мегардонад.

Сарвари давлатамон бо натиҷаҳои кор оид ба такмил доданифаъолияти муассисаи таълимӣ ва объектҳои нави замонавии ба истифода супурдашудаи инфрасохтори таълимӣ шинос гардид.

Имкониятҳои маҷмӯи тренажерҳои динамикию компутерии намунаҳои асосии техникаи ҳарбӣ намоиш дода шуда, дар бораи ихтироъ ва коркардҳои инноватсионии курсантҳои академия маълумот дода шуд.

– Дар таълими ҳарбӣ чун дар тамоми дигар соҳаҳо мо бояд ҳамқадами замон ва ҳатто аз он як қадам пеш бошем. Курсанту шунавандагони мо бояд донишу малакаҳои пешқадами аз инноватсияҳо асосёфтаро азхуд намуда, оид ба соҳа аз навгониҳои ҷаҳон хабардор бошанд, ҳамеша дар болои худ кор кунанд, – таъкид намуд Шавкат Мирзиёев.

Президент курсантҳоро бо воқеаи муҳими ҳаёти мамлакат – 28-умин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан муборакбод намуд. Шавкат Мирзиёев бо шароитҳои биноҳои таълимӣ ва истиқоматӣ, инчунин иншоотҳои замонавии варзишӣ шинос шуд.

Худи ҳамон рӯз дар Академияи Қувваҳои Мусаллаҳ таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ ҷамъомади васеи Шӯрои бехатарӣ бахшида ба масъалаҳои рушди минбаъда ва ислоҳсозии армияи миллӣ ба амал омад.

Дар чорабинӣ аъзои Шӯрои бехатарӣ, таркиби роҳбарикунандаи Қувваҳои Мусаллаҳ, вазорату идораҳо, инчунин ба воситаи алоқаи видеоконфронс – сарони минтақаҳо, қумондонҳои округҳои ҳарбӣ ва қисмҳои ҳарбӣ, намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ иштирок карданд. Дар бораи кор оиди мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии мамлакатамон маълумот дода шуд.

Дар ҷамъомад натиҷаҳои корҳои васеъмиқёс оид ба рушди Қувваҳои Мусаллаҳ ҷамъбаст гардида, ба фаъолияти вазорату идораҳо, инчунин мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо бобати татбиқи вазифаҳои рушд ва ислоҳсозии армияи миллӣ баҳои танқидӣ дода шуд.

Президент таъкид намуд, ки дар асоси Стратегияи амалиёти рушди Ҷумҳурии Ўзбекистон дар солҳои 2017-2021 баробари дигар соҳаҳои фаъолияти ҳаётии мамлакат дар соҳаи сохтмони давлатӣ дигаргунсозиҳои васеъмиқёс гузаронда шуданд, бо ин дар давраи ниҳоят кӯтоҳ ба натиҷаҳои дақиқ ва коркарди мушоҳидаи стратегии қиёфаи Қувваҳои Мусаллаҳамон муваффақ шуданд.

Алоҳида қайд гардид, ки дар шароити имрӯзаи зиддиятҳои фазои иттилоотӣ, пурзӯр гардидани мубориза барои шууру қалби хусусан авлоди ҷавон нақш ва ҷойгоҳи тарбияи ҳарбиву ватанпарварӣ торафт баланд мегардад.

Бинобар такмил додани низоми тарбияи ҳарбиву ватанпарварии аҳолӣ, дар навбати аввал ҷавонон, ба ҷараёни ислоҳоти дар мамлакат татбиқшаванда ҷалб намудан, ба рӯи об баровардани иқтидори зеҳнӣ ва эҷодии онҳо супоришоти иловагӣ дода шуданд.

– Армия аз ҷиҳати моддӣ метавонад бо тамоми воситаҳои замонавӣ ва зарурӣ таъмин бошад, аммо аз ҷиҳати ахлоқӣ заиф будан, набудани рӯҳи ҷанговарӣ, садоқат ва муҳаббат ба Ватан, ҳисси масъулият барои тақдири он ё ки лоқайдӣ ба оқибатҳои ислоҳнопазир метавонад оварад, таъкид намуд роҳбари давлатамон.

Ба ғайр аз ин, самтҳои муҳими дигари ислоҳсозӣ ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳ баррасӣ гардиданд.

Бинобар натиҷаи ҷамъомад аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ ба шахсони мансабдор бинобар ташкил кардани кор дар соҳаи таҳкими қобилияти мудофиавии мамлакат тавсияҳо дода, вазифаҳои дақиқ гузошта шуданд.

**ЎзА.**

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

## ХИДМАТИ БАРОИ ҲАМА ЯГОНАИ ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНИИ РАҚАМӢ ҶОРӢ КАРДА ХОҲАД ШУД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 9 январ бахшида ба масъалаҳои баланд бардоштани самарабахшии хидматрасонии давлатӣ ҷамъомад баргузор намуд.**

Сарвари давлатамон аз рӯзҳои аввали фаъолияташ дар вазифаи Президент ғояи "На халқ ба мақомоти далатӣ, балки мақомоти давлатӣ бояд ба халқ хидмат кунанд"-ро пеш гузошта буд, ки мақсад аз он сабук гардондани мушкили одамон ва қулайиҳои васеъ фароҳам овардан ба онҳо мебошад.

Барои сарфа намудани вақту маблағи аҳолӣ, ки ба идораҳо бо ин ва дигар масъалаҳо муроҷиат менамоянд, инчунин пешгирӣ намудани коррупсия ба ҷорӣ кардани низоми том, замонавӣ ва боэътимоди хидматрасонии давлатӣ шурӯъ гардид.

Ба ин муносибат Президент Шавкат Мирзиёев 12 декабри соли 2017 ба Фармон "Дар бораи куллан ислоҳ намудани низоми миллии хидматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ" имзо гузошт. Мувофиқи ҳуҷҷат Агентии хидматҳои давлатии назди Вазорати адлия ташкил карда шуд.

Имрӯз марказҳои хидматҳои давлатии Агентӣ дар тамоми мамлакат фаъолият нишон медиҳанд. Дар беш аз 80 бинои ҳамаҷониба қулай ва замонавӣ барои шахсони ҷисмониву юридикӣ хидмат расонда шуда, боз 94-то ин гуна иншоот сохта мешаванд.

Ба ғайр аз ин, бо баромадан ба ноҳияҳои дурдаст дар шаклҳои қулаю шаффоф хидматҳо (хидматҳои давлатии сайёр) расонда мешаванд.

Дар айни ҳол ба воситаи марказҳои хидматҳои давлатӣ тавассути "даричаи ягона" беш аз 130 намуди хидмат тақдим мегардад. Агар дар соли 2017-ум хидматҳои давлатии ба аҳолӣ расондашуда 12 ҳазор ададро ташкил карда бошад, дар соли 2019-ум ин нишондиҳанда аз 13 миллион гузашт.

Дар тӯли ду соли охир дар маҳалҳо 86 маркази хидматҳои давлатӣ кушода шуданд. Оид ба 36 намуд хидмати аз ҳама бештар муроҷиатшуда миқдори ҳуҷҷатҳо аз 112 то ба 52 то, муҳлати хидматрасонӣ аз 280 то 126 рӯз кам карда шуд.

Масалан, пештар барои иваз кардани гувоҳномаи ронандагӣ тақдим кардани шиносномa, маълумотномаи тиббӣ, варақаи имтиҳон, гувоҳномаи ронандагӣ, сурат, инчунин пардохтани маблағ дар ҳаҷми 70 фоизи музди меҳнати камтарин тақозо мегардид. Ҳоло бошад, гувоҳномаи ронандагии кӯҳна ва талони он, инчунин ба миқдори 70 фоизи миқдори ҳисоби базавӣ боҷ пардозед кифоя аст.

Аз 1 июни соли гузашта сар карда сарфи назар аз ҷойи зисти шаҳрвандон ва манзили ташкилотҳо ба воситаи маркази дилхоҳ хидматрасонии давлатӣ ба роҳ монда шуд. Навгонии мазкур барои шаҳрвандон қулайиҳои зиёд фароҳам оварда, онҳоро аз сарсониҳо халос карданд.

Масалан, довталаби нуқусӣ барои ҳуҷҷат супурдан ба мактаби олӣ дар Тошканд камаш 2 миллион сӯм харҷ карда бошад, имрӯз ба маркази дилхоҳ, аз минтақаи худ набаромада муроҷиат намудан кифоя аст.

Соли ҷорӣ низ корҳоро дар ин самт идома дода, кушодани 94 маркази нав, аксарияташон – дар шарикӣ бо сектори хусусӣ ба нақша гирифта шудааст.

Сарвари давлатамон таъкид намуд, ки ин танҳо зинаи аввали кор мебошад ва фароҳам овардани қулайиҳо ба аҳолӣ зиёд гардонда мешаванд.

Барои он ки тамоюли "даричаи ягона" пурра тасдиқ гардад, бояд пеш аз ҳама тамоми хидматҳои давлатиро ба шакли электронӣ гузаронда, маълумотҳо рақамӣ кунонда шаванд, зикр гардид дар ҷамъомад.

Дар айни ҳол аз 80 идорае, ки хидмати давлатӣ мерасонанд, танҳо 27-тояшон пойгоҳи маълумотҳояшонро бо Агентии хидматҳои давлатӣ интегратсия карданд, дар 53 ташкилот маълумотҳо то ҳол ба "рақамӣ" гузаронда нашудаанд. Масалан, барои хидматрасонии давлатӣ дар соҳаҳои нигаҳдории тандурустӣ, экология, сохтмон, архив пойгоҳи маълумотҳои электронӣ мавҷуд намебошанд.

Аз сабаби мавҷуд набудани мубодилаи маълумотҳо дар соли 2019 муддати хидматрасонии ба сохтмон, таъминоти газ, оби гарму хунук алоқаманд вайрон карда шуданд.

Ба ин муносибат ба Вазорати оид ба рушди технологияҳои ахбор ва коммуникатсия, Вазорати адлия вазифаи таҳияи барномаи мақсаднок оид ба дар тамоми идораҳо созмон додани низоми иттилоотӣ ва пойгоҳи маълумотҳои ба хидматҳои давлатӣ марбут супурда шуд.

Мақсади то охири соли ҷорӣ на кам аз 5 баробар зиёд гардондани шумораи истифодабарандагони хидматҳои давлатии электронӣ, дар соли 2025 пурра гузаштан ба хидматрасонии электронӣ гузошта шуд.

Бо назардошти он ки 75 фоизи аҳолӣ аз интернет тавассути воситаҳои мобилӣ истифода мебаранд, муҳим будани ба кор даровардани версияи мобилии Портали ягонаи хидматҳои интерактивии давлатӣ таъкид гардид. Супурда шуд, ки ташкили беш аз 50 филиали марказҳои хидматҳои давлатӣ барои фароҳам овардани қулайӣ ба сокинони нуқтаҳои дурдасти аҳолӣ тезонда шавад.

Дар асоси истифодаи таҷрибаи хориҷӣ муҳим будани ба шаҳрвандон дар асоси як дархост расондани маҷмӯи хидмат, инчунин шаҳрванд муроҷиат накунад ҳам ба вай пешниҳод намудани намудҳои хидмати зарурӣ таъкид гардид.

Масалан, баробари таваллуд шудани фарзанд ба вай қайди таваллуд, таъин намудани кӯмакпулӣ, дар ҷойи зист ба рӯйхат гузоштан, дар муассисаи тиббӣ ба ҳисоб гирифтан, навбат ба боғчаҳи бачагона барин хидматҳо якбора тақдим гарданд, барои падару модарон қулай хоҳад шуд.

Дар ҷамъомад супурда шуд, ки ин низом ба тариқи озмоиш дар шаҳри Тошканд ва дар оянда зина ба зина дар дигар минтақаҳо ҷорӣ карда шаванд.

Президент таъкид намуд, ки талаб карда шудани имзои электронии рақамӣ, ки мавҷуд будани он барои дастрас шудан ба хидматҳои зиёд ҳатмӣ мебошад, барои шаҳрвандон ноқулайиҳо фароҳам меоранд, хусусан, ин нуқтаи дардноки соҳибкорон мебошад.

Аз имзои электронии рақамӣ танҳо ба воситаи компутер истифода бурдан мумкин. Соҳибкор барои аз қайд гузаштан бояд калиди идораи андоз, барои ҳуҷҷатҳои гумрук калиди гумрук ва барои кор кардан бо суратҳисоб имзои рақами электронии бонкро ба даст оварад. Барои ба даст овардани ин калидҳо ба ҳар як идора алоҳида-алоҳида рафта, онро харид кунад ва баъд аз муддати муайян боз бар ивази маблағ онро нав кунад.

Президент ба Вазорати оид ба рушди технологияҳои ахбор ва коммуникатсияҳо супориш дод, ки якҷоя бо ташкилотҳои масъул усулҳои муқобил, бехавф ва оддии тасдиқ кардани шахсиятро ҳангоми истифода бурдан аз хидматҳо, ки имзои электронии рақамиро тақозо мекунанд, ҷорӣ намояд. То 1 июли соли равон вазифаи коркард намудани имзои электронии рақамии барои ҳамаи хидматҳо ягона гузошта шуд.

Дар ҷамъомад аз рӯи масъалаҳои баррасишуда чорабиниҳо муайян шуданд.

**ЎзА.**

Санҷарбек ТОШБОЕВ:

## ЎЗБЕКИСТОН БАРОИ АЗ БАЙН БАРДОШТАНИ МЕҲНАТИ ИҶБОРӢ ВА РЕШАКАН КАРДАНИ САВДОИ ОДАМ ИРОДАИ МУҚТАДИРИ СИЁСӢ ЗОҲИР КАРД

***Оё шумо медонед, ки дар олам тақрибан 258 миллион муҳоҷир ҳаст? Анқариб 150 миллион нафари онҳо барои дарёфти музди хуб муҳоҷир шудаанд, 24,9 миллион нафар қурбони меҳнати иҷборӣ гардидаанд.***

Ўзбекистон низ мушкилоти ҷиддии муҳоҷират, савдои одам ва меҳнати иҷбориро эътироф намуда, барои ҳаллу фасли онҳо саъй кард. Мамлакати мо моҳи ноябри соли 2018 узви Созмони байналхалқии оид ба муҳоҷират (СБМ) гардид. Худи ҳамон сол Созмони байналхалқии меҳнат (СБМ) эътироф намуд, ки дар кишвари мо «меҳнати иҷбории мунтазам ё худ бардавом» аз байн меравад.

Маърӯзаи умумиҷаҳонӣ дар бораи савдои одам тӯли соли 2018-ум, ки аз ҷониби Идораи СММ оид ба нашъа ва ҷинояткорӣ интишор гардид, дар Ўзбекистон 4,6 баробар: аз 840 нафари соли 2014-ум то 180 нафар дар соли 2017-ум коҳиш ёфтани миқдори ҷабрдидагони меҳнати иҷбориро таъкид менамояд. Вале бо ин кор анҷом намеёбад.

Менеҷери кишваршиносии СБМ оид ба Ўзбекистон Санҷарбек Тошбоев дар гузоришаш дар ОИ «Дунё» ба комёбиҳои мамлакати мо бобати ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳаллу фасли мушкилоти савдои одам ва пешрафт ба кори аз байн бардоштани меҳнати иҷборӣ баҳо дод.

**– Ба фикри Шумо Ўзбекистон бобати аксуламал ба савдои одам ва аз байн бардоштани меҳнати иҷборӣ тӯли чанд соли охир ба чӣ гуна натиҷаҳо муваффақ шуд?**

– Соли 2008-ум Ўзбекистон қонун «Дар бораи аксуламал ба савдои одам»-ро қабул кард. Худи ҳамон сол асосҳои идоравӣ ва механизмҳои ҳамоҳангсозии он дар шакли комиссияи байниидоравии аксуламал ба савдои одам ташкил ёфт.

Ҳамин тариқ, Ўзбекистон давра ба давра пеш рафт ва 30 июли соли 2019-ум Фармони Президент «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба минбаъд такмил додани низоми аксуламал ба савдои одам ва меҳнати иҷборӣ» қабул шуд.

Ҳуҷҷати мазкур таъсис додани идораи Нотиқи миллӣ оид ба савдои одам ва меҳнати иҷбориро пешбинӣ менамояд. Ман фикр мекунам, ки механизми мазкур ба мувофиқсозии тамоми маълумоти расида, таҳлил ва дарки воқеии аҳвол, ҳам оид ба комёбиҳо ва ҳам бинобар мушкилоти дар Ўзбекистон мавҷуда мусоидат мекунад.

Бо ҳамин фармон Комиссияи байниидоравии ҷумҳурии аксуламал ба савдои одам ба Комиссияи миллии аксуламал ба савдои одам ва меҳнати иҷборӣ табдил дода шуд. Ин қарор имкон медиҳад дар ҳар ду самт механизми муқтадири ҳамоҳангсоз ташкил ёбад.

**– СБМ дар ҳамкорӣ бо Ўзбекистон бахри ҳифзи манфиатҳои муҳоҷирон ва ҳаллу фасли мушкилоти савдои одам чӣ гуна иқдомҳои муштаракро татбиқ менамояд?**

– Бояд дарк намуд, ки алҳол дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ мушкилоти муҳоҷират ва савдои одам мунтазам ба миён меоянд, бинобар ҳамин ҳам онҳо обсозиши доимӣ, ҳамчунин муносибати бонизомро бахри ҳаллу фасли мушкилот тақозо доранд. Хоҳ он тайёрии касбӣ, пешгириву таъқиб бошад, ё худ фаъолияти дигар дар ин соҳа.

Яке аз самтҳои бартариноки ҳамкории муштарак ин баланд бардоштани хабардории аҳолӣ аз масъалаҳои савдои одам ба шумор меравад. Мо маводи иттилоотӣ, наворҳои видеоиро кор карда мебароем, чорабиниҳои мухталифро ташкил мекунем. Чунончи, 30 июл мо дар кӯчаи «Сайилгоҳ»-и Тошканд Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза ба муқобили савдои одамро қайд кардем.

Баробари ин СБМ ба ҷабрдидагон бевосита кӯмакҳои машваратӣ мерасонад. Ҳамчунин бинобар эҳёи онҳо, кӯмакҳои рӯҳиву тиббӣ расонидан кор мебарад.

**– Дар ибтидои моҳи апрели соли 2019-ум дар ҷамъбасти натиҷаҳои Мониторинги ҷонибҳои сеюм дар соли 2018-ум, ки дар Брюссел гузашт, Созмони байналхалқии меҳнат (СБМ) санади дар Ўзбекистон аз байн бурда шудани «меҳнати иҷбории мунтазам ё худ бардавом»-ро эътироф кард.**

– Аз байн бардошта шудани меҳнати иҷборӣ дар муҳлати бағоят кӯтоҳ – ин кори азимест, ки иродаи муқтадири сиёсӣ, дастгирии молиявиву иқтисодӣ, ташкилӣ ва як қатор омилҳои дигарро тақозо менамояд. Ба ин комёбии Ўзбекистон аз ҷониби СБМ низ баҳои баланд дода шуд.

Хурсандиовар аст, ки алҳол дар мамлакат бинобар мустаҳкам кардан ва вусъат додани ин муваффақиятҳо чораҳои мустақим андешида мешаванд.

**– Дар Тошканд маркази замонавии эҳё оид ба кӯмакрасонӣ ва ҳифзи ҷабрдидагони савдои одам амал мекунад. Аз ҷумла, аллакай ба 3000 нафар ҷабрдидагон кӯмак расонида шуд.**

– Ҷабрдидагони савдои одам ҳам аз ҷониби созмонҳои байналхалқӣ ва ҳам аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва оилаҳо ба дастгирии ҳамаҷониба эҳтиёҷ доранд. Дастгирии саривақтӣ гарави бомуваффақият ба ҷамъият мутобиқ шудани онҳо мебошад.

Маркази эҳё оид ба кӯмакрасонӣ ва ҳифзи ҷабрдидагони савдои одам дар пойтахти Ўзбекистон ташкилоти нодирест, ки дар минтақа ҳамтои худро надорад. Фаъолияти он рағбати зиёди давлатҳои минтақа ва созмонҳои байналхалқиро бедор мекунад.

Баробари ин мехостам раванди таъмин сохтани ногузирии ҷазоро нисбат ба шахсоне, ки бо савдои одам машғул мешаванд, таъкид намоям. Мо метавонем бо пешгирӣ ва дастгирӣ кардан машғул шавем, вале агар ин кор мунтазам пеш бурда нашавад, ба мақсадҳои пешгузошташуда муваффақ намегардем.

**– Дар доираи Technovation 2019 дастаи духтарони навраси #ThePlovTime замимаи мобилии #iMigrant-ро барои муҳоҷирон кор карда баромад. Лоиҳаҳои креативӣ чӣ гуна метавонанд ба пешгирии савдои одам мусоидат кунанд?**

– Алҳол тақрибан ҳар кадом муҳоҷир ба интернет даст ёфта метавонад. Ба мо (СБМ) бисёр хабарҳои таъҷилӣ мерасанд. Ҳодисаҳое ҳам мешаванд, ки муҳоҷирон ҷойи буду боши худро намедонанд. Шарҳу тафсир дар ин маврид на ҳама вақт кор медиҳад, дар натиҷа мо ҳамеша имкон дорем кӯмаки таъҷилӣ расонем.

Дар ин гуна вазъиятҳо тугмаи «SOS» бо нишон додани геолакатсияи он метавонад ба ҳаллу фасли ҳарчи зудтари мушкилот мусоидат намояд. Маҳз ҳамин ғоя асоси замимаи #iMigrant-ро ташкил медиҳад.

Шахсан ба ман лоиҳаи мазкур собит намуд, ки агар сари вақт дастгирӣ карда шавад, кӯмаки камтарин ҳам ба пешрафти ҷавонони соҳибистеъдод, хусусан духтарон мусоидат менамояд ва онҳо ба натиҷаҳои хуб муваффақ мешаванд.

Мусоҳиб
**Ҷаҳонгир АЗИМОВ,**
ОИ «Дунё».

Набзи рӯз

# БУНЁДКОРИҲО ДАР БУХОРО

***Маълум аст, ки дар мамлакати мо марҳилаи нави тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ аз соли 2017 оғоз ёфт. Ин ҷараёни шиддатнок на фақат ҳаёти мамлакат, балки фикру зикри одамон, муносибати онҳоро ба рӯзгор тамоман тағйир дод. Ислоҳоти нав ба нав, ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон, дар зиндагӣ мақоми аввалиндараҷа пайдо кардани тамоили ноилшавӣ ба ризоияти мардум ба ин сабаб гардид. Дар натиҷа муҳаббати хурду калон ба зиндагӣ ва боварии онҳо ба оянда афзуд. Ҳоло дар вилояти Бухоро бозсозию бунёдкориҳое сурат мегиранд, ки ин қабилашро ҳеҷ кас надидааст. Мувофиқи барномаи соли 2019 дар вилоят дар 28-то мавзеъ дар асоси лоиҳаҳои асосии таҷдидёфта бунёд кардани 890 манзили арзон пешбинӣ гардида буд, онҳо то охири сол ҷомаи амал пӯшиданд. Аз ҷумла 242 манзили якошёнаи дорои 3 хона иборат аз 2 сотих (қиматаш 53,3 млрд.сӯм), 22 манзили чорошёнаи 3 даҳлезаи дорои 24 хонадон ва ғайра ба истифода супорида шуданд. Моҳи августи соли гузашта бошад, дар мавзеи «Амир Темур»-и шаҳри Бухоро 10 манзили ҳафтошёна ба 229 нафар шаҳрвандони муҳтоҷи ҷои зист дастрас гардид.***

***Барои эҳсос намудани ободгардониҳо ҷойи дур рафтан шарт нест. Аҷибаш дар он ки баъзан мусофирони ду-се моҳ ба сафар рафта баъди бозгашт ба туфайли бунёдкориҳо деҳа, мавзеъ ё маҳаллаи худро намешиносанд. Суръати бозсозиҳо ҳамин дараҷа ҳайратовар аст. Мо тасмим гирифтем, ки дар бораи ободгардониҳои вилоят дар мисоли ноҳияи Когон нақл кунем.***



Ноҳияи Когон дар самти офтоббарои шаҳри Бухоро воқеъ гардида, мавзеъҳои аҳолинишини он бо шаҳри куҳан ҳамҳудуд аст. Мобайни солҳои бистуми асри гузашта ба ноҳия Баҳоуддин ном гузоштанд. Баъди муддате ноҳия бо шаҳри Когон ҳамном гашт. Маркази ноҳия айни замон шаҳри Когон маҳсуб ёфта, идораҳои маъмурӣ ва хоҷагии ноҳия он ҷо фаъолият дорад. Ноҳия бештар аз шаст ҳазор нафар аҳолӣ дошта, онҳо намояндагони миллатҳои гуногунанд. Солҳои истиқлол дар ин ҷо низ ислоҳот, дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Хоҷагиҳои фермерӣ ба афзоиши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ саҳм мегузоранд. Бунёд гардидани мактабҳои нав, бунгоҳҳои тиббии деҳот, ду коллеҷи касбу ҳунар, биноҳои нави ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо ҳусни ноҳияро афзудаанд. Бо шарофати барномаҳои давлатии «Обод маҳалла» ва «Обод қишлоқ» кӯчаҳое, ки дар давоми даҳҳо сол аз назарҳо дур монда буданд, мумфарш ва обод гардонда шуданд. Чароғҳои шабона ҷозибаю ҳусни онҳоро зиёдтар кард. Роҳҳои таъмирёфта, бартараф шудани масъалаҳои оби нӯшокӣ, газ, барқ одамонро хеле шод мегардонад. Хусусан, бо манзил таъминкунии аҳолӣ дар ноҳия солҳои охир ба дараҷаи мислаш диданашуда рух медиҳад.

Бо ташаббуси сарвари давлат ободтару пурҷозибаноктар шудани зиёратгоҳҳои «Ҳафт пир»-и комили Бухоро, аз ҷумла қадамҷоҳои Амир Сайид Кулол ва Баҳоуддини Нақшбанд, ки дар ҳудуди ноҳия воқеъанд, барои рушд ёфтани сайёҳии берунӣ хидмат мекунанд. Ҷамоати шаҳрвандони маҳалла сохторест, ки хурду калон ҳама ба вай муроҷиат мекунанд. Ташаббусҳои хуби одамон дар ҳамин ҷо зоҳир мегардад. Фармони Президент «Дар бораи чораю тадбирҳои боз ҳам такмил додани институти маҳалла», ки се сол муқаддам қабул гардид, баҳри афзудани нақши маҳалла дар ҷомеа такон бахшид. Ғамхориҳои пай дар пайи давлат нисбати маҳалла ва мутасаддиёни соҳа, афзудани музди меҳнати онҳо ва чорабиниҳои дигар бешубҳа дар муддати кӯтоҳ самараи худро медиҳад.




29-30 марти соли гузашта Президент ҳангоми сафараш ба вилояти Бухоро ба маркази маҳаллаи «Тараққиёт» ташриф оварда буд. Бинои марказ замонавӣ буда, он дар асоси мукаммалтарин лоиҳаи меъморӣ бо беҳтарин, хушсифаттарин масолеҳи бинокорӣ бунёд гардидааст. Сарвари давлат ҳангоми мулоқот бо ҷавонон ва шиносоӣ бо шароити марказ эҳсос намуд, ки супоришҳои вай бобати мусбӣ ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоии бонувон, бошуғлфарогирии онҳо, дидани чораҳои зарурӣ нисбати пешгирӣ кардани қонуншиканиҳо аз ҷониби эшон дар вилоят ҳаллу фасл мегардад.

Бояд таъкид намуд, ки якчанд сол муқаддам дар ду тарафи шоҳроҳи Когон – Бухоро манзилҳои намунавӣ, ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Истиқбол», биноҳои маданию маишӣ сар афрохта буд. Ҳоло бошад, байни онҳо маркази маҳаллаи «Тараққиёт» бо ҷозибаи ҳусну ҷамоли худ аз дигар иморатҳо фарқ мекунад ва ба дилҳо сурур мебахшад. Барои бунёди ин марказ, ки дар вилоят намунавитарин аст, 2 миллиарду 600 миллион сӯм маблағ сарф шудааст. Ба қарибӣ ба мо лозим омад, ки бо ин марказ аз наздик шинос шавем. Бинои марказ дар самти шимолии шоҳроҳ воқеъ гардида, гулзору пиёдагардҳои зебои рӯбарӯи он ҳар як ояндаро беихтиёр сӯи худ мекашад. Вақте ки вориди марказ мегардед, гумон мекунед, ки ба қасре по ниҳодаед. Ба ҳам мувофиқ омадани рангу бори дару девор диққататонро сӯи худ мекашад. Бо ёрии инфокиоски ин ҷо метавонед бо соҳаҳои гуногуни ҳаёти ноҳия шинос шавед. Аз даҳлез ба ҳама кабинетҳо – нозири профилактика, маркази мувофиқгардонии иҷтимоии бонувон, маркази инноватсия, Шӯрои ноҳиявии мувофиқсозии фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрвандон, штаби сектори дуюм метавонед ворид шавед. Намуди нотакрор ва нафиси ҳар як хона шуморо афсун месозад. Мебелҳои гуногуни замонавии ин ҷоро дида беихтиёр ба ҳайрат меоед, чунки ин қабилашро ҳанӯз дар дигар ҷо надидаед. Албатта, ин шароит ба марказ имконият медиҳад, ки ба аҳолӣ хидмати волои иҷтимоӣ расонад, одамонро ба андеша ва фикри мусбат водор созад. Зеро муҳити солими иҷтимоӣ, ки дар оилаҳо ташаккул меёбад, бобати беҳтаршавии муҳити иҷтимоӣ дар мамлакат кӯмак мерасонад.

Дар мониторе, ки дар дафтари кории нозири профилактика гузошта шудааст, тасвирҳои камераҳои назоратии ҳудуд, мунтазам аз назар гузаронда мешавад. Ин баҳри пойдории осоиштагӣ ва маҳдудшавии қонуншиканиҳо мадад мерасонад.

Вазифаи асосии хонаи мувофиқгардонии иҷтимоии бонувон аз бартарафсозии масъалаҳои оилавӣ, ҳал кардани масъалаҳои муроҷиаткунандагон оид ба шуғл ва низоъҳои оилавӣ иборат аст. Дар ин шуъба хонаҳои бачагон, рӯҳшинос, модар ва кӯдак, истироҳат, касбу ҳунаромӯзӣ, бунгоҳи тиббӣ ва ошхона мавҷуд аст. Бону ё модаре, ки дар натиҷаи низои оилавӣ куҷо рафтанашро намедонад, метавонад муддате ин ҷо монад ва аз ёрии иҷтимоӣ баҳрабардорӣ кунад. Вай дар айни замон барои беҳуда нагузаронидани вақташ бо ёрии мутахассис касби дӯзандагиро меомӯзад. Ин ҷараён кайҳост, ки самараи дилхоҳ медиҳад. Дар китобхона-захираи ахбори маркази инноватсия бештар аз 7000 нусха китоб мавҷуд аст. Барои дар ҳамин ҷо мутолиа кардани онҳо шароит фароҳам оварда шудааст. Дар толори интеллектуалии марказ дар мавзӯъҳои гуногун ба вуҷуд омадани суҳбату мулоқот, озмуну саволу ҷавобҳо, аз ҷумла озмуни «Китобхони ҷавон» баҳри камолоти маънавии ҷавонон кӯмак мерасонад.

Шуъбаи электронии китобхона бо маҷмӯи 16 компутери замонавӣ таъмин гардида, он бо Китобхонаи миллии ба номи Навоӣ васл гардидааст. Соҳибкорони оянда аз ин ҷо донишу маълумоти заруриро пайдо карда метавонанд. Дар монитори инфокиоски китобхона оиди масъалаҳои оилавӣ слайд мавҷуд буда, корафтодагон аз адабиёт, дастурамал ва маслиҳатҳои он самаранок истифода мебаранд. Аз ҷумла, дар он мазмун ва моҳияти панҷ ташаббуси Президент оид ба фароҳам овардани шароити иловагӣ бобати таълиму тарбияи ҷавонон ва бо шуғл фарогирии бонувон ҷогузин шудааст. Дар бинои марказ ба ғайр аз ин, мувофиқи талаби аҳолии деҳаҳои атроф ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Тараққиёт» низ сомон ёфтааст. Илова ба ин, майдончаи бачагон, варзишгоҳ бо фарши сунъӣ, хонаи маросимҳо ва нуқтаҳои хидматрасонии марказ ҳамеша серодам мебошад.

Хулоса, ин маскан, ки дар вилоят ягона аст, бобати пос доштани арзишҳоямон ва рушди иҷтимоию маънавии ҷамъиятамон барои маҳаллаҳои дигар намунаи ибрат мебошад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ДАСТИ БОЗИ МАРДИ САХОВАТМАНД

Дар яке аз ҷамъомадҳои муштараки фаъолони се ҷамоати деҳа гап дар хусуси он рафт, ки бинои ҷанозахонаи қабристони деҳа хеле фартут шудааст ва таъмири ҷиддӣ мехоҳад. Аммо барои анҷоми ин кор маблағи қобили мулоҳиза даркор аст. Гуфта шуд, ки шояд дар мавриди ҷамъоварии маблағ ба соҳибкорон муроҷиат кунанд.

– Ман як пешниҳод дорам. Агар онро ҷамъи фаъолони се ҷамоат қабул кунанд, ҳафтаи оянда корҳои сохтмонро шурӯъ хоҳем кард,– гуфт омӯзгори собиқадори деҳа Қодирбек Амирбеков.

– Чӣ пешниҳод будааст, устод? – пурсид раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ҳушёр» Мирзоамин Ифтихонов.

– Ман кайҳо боз дар фикри он ҳастам, ки ҳамин бинои ҷанозахонаро вайрон карда, дар ҷояш бинои васеътаре бунёд кунам. Ҳамаи сарфу хароҷоти онро бо писаронам ба дӯш мегирем. Аз мӯйсафедону одамони хирадманди деҳ танҳо фотиҳаи нек мехоҳам,– ҳамаро дар ҳайрат гузошт Қодирбек Амирбеков.

– Анҷоми ин кор ҳадди ақалл саду панҷоҳдусад миллион сӯмро тақозо менамояд! – дар ҳоли ҳайронӣ ба Қодирбек Амирбеков рӯй овард яке аз калонсолони деҳа Ҳоҷӣ Субҳонбердӣ Худойбердиев.

– Боке надорад, ҳоҷиака. Аз касе пул ё чизе напурсида, ин корро анҷом хоҳем дод, – гуфт Қодирбек Амирбеков бо қатъияти том.

Аз чунин ранг гирифтани кор ҳама хушҳол гашта, ба чаҳор тараф пароканда шуданд. Баъзеҳо гумон карданд, ки Қодирбек Амирбеков беҳуда чунин вазифаи сахту сангинро бар дӯш гирифт. Бо вуҷуди ин, аксарият эътимод доштанд, ки вай марди ҳарфи худ аст ва ҳар кореро бар дӯш гирад, бекаму кост анҷом медиҳад.

Баъди се рӯз як гурӯҳ ҷавонони деҳ, ки мехостанд барои кор ба Русия раванд, бо даъвати Қодирбек Амирбеков дар деҳа монданд. Онҳо фавран роҳпулиҳои аз хешовандону дӯстон ҷамъоварӣ кардаашонро дубора ба соҳибонашон баргардонданд ва хурсанд шуда, ба вайрон кардани бинои куҳнаи ҷанозахонаи қабристон шурӯъ намуданд. Якчанд мошин беист аз лаби дарё ба кашондани сангу шағал ва рег сар кард.

– Дар аввали кор андак эҳсоси дудилагӣ ҷисмамро фаро гирифт ва ин сабабҳои худро низ дошт. Аммо писарони шермардам гуфтанд, ки ман ҳамеша сари кор бошам ва онҳо маҳсулоти сохтмонии заруриро ба ҷои кор расонда медиҳанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Дар муддати дуним моҳи тобистони соли гузашта бинои нави ҷанозахона сохта шуд. Онро бо дизайни нав сохтем, ки дар тобистон салқин ва дар фасли сармо гарм бошад. Устоҳои чирадаст таҳти роҳбарии Баҳодур Исоев корҳои сохтмонро ба таври аъло иҷро намуданд,– мегӯяд Қодирбек Амирбеков.

Вай боз тазаккур дод, ки ба неву нестонаш нигоҳ накарда, баъзан аз хонаводаҳо ба сохтмончиён хӯроки чошт пухта меоварданд. Баъзеҳо омада аз ӯ мепурсиданд, ки оё ба ягон ёрии молӣ эҳтиёҷ дорад ё не.

– Ба ҳамаашон изҳори сипос мекардам ва мегуфтам, ки ин кори савобро бо аъзои хонаводаам ба фарҷом хоҳам расонд. Вале ба ин ҳарфҳоям нигоҳ накарда, як идда дӯстону бародарон баъди ошноӣ бо ҷараёни кор хоҳиш мекарданд, ки ба ин кори савоб бипайванданд. Баъд барои таъмини аъзои гурӯҳи сохтмон ҳамроҳ бо маводи хӯрокворӣ андак маблағ аз худ мегузоштанд,– изҳор медорад ин марди саховатпеша.

Шояд муштариёни «Овози тоҷик» гумон кунанд, ки Қодирбек Амирбеков шахси доровper босарват аст ва соҳиби мошинҳои қиматбаҳо мебошад. Ин тавр нест. Вай як мошини «Нексия» дорад, ки дар охири солҳои навадуми қарни гузашта корхонаи мошинбарории Асака истеҳсол кардааст.

– Ман ба сохтани ҳавлии бошукӯҳ ва баргузор кардани тӯйҳои пурдабдаба ҳаргиз майл надорам. Ин кори одамони боақлу солим нест гуфта гумон мекунам. Дар атроф одамони ночор кам нестанд. Бояд ба онҳо дасти мадад дароз карду дуояшонро гирифт. Ба фарзандонам ҳамеша ҳамин нуктаро таъкид мекунам. Одамонеро медонам, ки онҳо, аз хеле давлату сарват бархурдоранд, вале аз ҷайбашон як пул барои корҳои хайр намебароранд. Худо кунад, ки онҳо низ ба корҳои савоб даст зананд, – мегӯяд ҳамсуҳбати мо.

Писарбузургаш Фирдавс дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд таҳсил кардааст ва беш аз понздаҳ сол мешавад, ки дар бемористони марказии ноҳия чун духтури кӯдакон фаъолият мекунад.

– Соли 1977 факултаи риёзиёти Донишкадаи омӯзгории Душанберо хатм намудам. Солҳои зиёд ба сифати омӯзгори фанни риёзиёт, директори мактаб, раиси ҷамоати шаҳрвандон иҷрои вазифа намудам. Баъд ба нафақа баромадам,– мегӯяд Қодирбек Амирбеков.

Завҷаи ӯ – Ғунчахон Амирбекова духтари қаҳрамонписари шуҷоъи тоҷик, снайпери машҳур, «Баҳодури тоҷик» – Тешабой Одилови хушёрӣ мебошад. Ғунчахон дар Донишгоҳи давлатии Фарғона таҳсил кардааст. Ӯ аз оғози фаъолият то синни нафақа дар мактаби рақами 13-уми ноҳияи Сӯх аз фанни химия ва биология ба шогирдон сабақ додааст.

Зану шавҳар се писару ду духтар ва шонздаҳ набера доранд. Ду писари онҳо – Сино ва Комрон ба соҳибкорӣ машғуланд. Гулруҳсор ва Зарнигор соҳиби хонаву дари худ мебошанд.

– Тибқи барномаи «Деҳаи обод» дар деҳаи мо корҳои зиёди ободонӣ сурат мегиранд. Қисме аз роҳҳои дохили деҳ мумфарш гардид, ба роҳҳои боқимонда шағал рехта, ҳамвор карданд. Хонаи маданияти ҷамоатамон комилан аз нав бунёд мегардад. Ҳамаи ин аз шарофати сиёсати хирадмандонаи Президент маншаъ гирифтаст. Ҳоло замонаҳо куллан тағйир ёфтаву дили мардум ба зиндагӣ гарм мешавад. Шуълаи озодиву демократия ба деҳаҳои дурдасттарини мамлакати соҳибистиқлоламон рафта мерасад ва орзуву ормонҳои одамони зиёд рӯи об мебароянд, – гуфт Қодирбек Амирбеков.

Вай илова кард, ки ҳавлиаш дар шафати қабристони деҳа воқеъ гаштааст. Ҳар пагоҳ барвақт мехезад ва баъди анҷоми намози бомдод дар ҳақи аҳли қабристон дуову фотиҳа мехонад. Зимнан, як байт ҳамеша дар лавҳи хотираш ҷилва мезанад, ки муаллифашро ёд надорад:

*– Ба гӯристон назар кун, то бубинӣ,*
*Ки дунё бо азизонаш чӣ кардаст.*

Гумон мекунам, ки ҳар як фарди соҳибақл маънои онро хуб дарк мекунад ва медонад, ки ҳеҷ кас молу давлаташро бо худ ба гӯр набурдааст, – мегӯяд ин марди ҳимматбаланд.

Ногуфта намонад, ки масоҳати ҷанозахонаи қабристон 270 метри мураббаъро ташкил мекунад. Он барои 1 ҳазору 800 нафар эъмор гардидааст. Ғайр аз ин, бо саъйу эҳтимоми Қодирбек Амирбеков 120 метр роҳи дохили ин қабристон мумфарш шудааст, то ки вақти боронгарӣ равуо аз тариқи ин роҳ мушкил эҷод нанамояд. Барои анҷоми ҳамаи ин корҳо 200 миллион сӯм харҷ гардидааст.

– Ҳар сол ду-се бознишастаро ба рӯзномаи «Овози тоҷик» обуна мекунам. Ин рӯзномаест, ки бояд ҳар як тоҷик ба он обуна шаваду хонад, – иброз дошт Қодирбек Амирбеков.

Вай барои фаъолияти чандинсолааш бо нишони «Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» сазовор гардидааст. Ровии хушбаён буда, дар қироати шеър ва лутфу гуфтори шоирона ҳунари комил дорад. Ҳоло ӯ дотсенти Академияи илмҳои Турон мебошад. Моҳи гузашта вайро мардуми деҳа аз Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ба депутатии Шӯрои ноҳияи Сӯх номзад пешбарӣ намуданд. Вай бо ба даст овардани овозҳои аксарият аз байни панҷ номзади пешбаришуда депутати Шӯрои ноҳия интихоб гардид.

– Дар ҷамоати мо сафи одамони дасткушоду саховатманд афзоиш меёбад. Роҳбари хоҷагии фермерии «Ашӯрбой»-и ҷамоати мазкур Усмонҷон Ашӯров ҳамроҳи чаҳор писараш низ ба корҳои хайр даст мезананд. Онҳо ба оилаҳои камбизоат дасти мадад дароз мекунанд. Ба наздикӣ бинои шуъбаи бемориҳои сироятии шифохонаи марказӣ бо кӯмаки молии онҳо хеле хуб тармим гардид, – мегӯяд яке аз омӯзгорони бознишастаи деҳа Мирзоносир Абулҳаев.

Бигзор, теъдоди саховатпешагон биафзояд ва корҳои хайрашон низ бардавом бошад. Бешак, одамони хайрхоҳу саховатпеша ашхосеанд, ки бо анҷоми корҳои неку хайр намунаи ибрати атрофиён мешаванд. Ҳоло Қодирбек Амирбеков ва Усмонҷон Ашӯров барин саховатмандонро мардуми деҳаи Ҳушёри ноҳия дуо мекунанд, ки аз корашон барака ёбанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

14 январ –
Рӯзи муҳофизони Ватан

# ТУҲФАИ ИДОНА

***Дар шаҳри Навоӣ барои хидматчиёни ҳарбӣ ва ходимони мақомоти корҳои дохилӣ 2 хонаи нави серошёнаи дорои 60 ҳуҷра сохта ба истифода дода шуд.***

Дар рӯзҳое, ки 28-умин солгарди ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ҷашни муҳофизони Ватан васеъ қайд карда мешаванд, дар маркази шаҳр барои ҳарбиён ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ супурда шудани хонаҳои дорои тамоми шароитҳои замонавӣ ба иди ҳақиқӣ табдил ёфт ва туҳфаи хуби идона шуд.

Дар байни соҳибони хонаҳои зебову қулай, ки туҳфа гардид, мушовири ҳуқуқшиноси раёсати корҳои дохилии вилояти Навоӣ Азиз Нурматов низ ҳаст.

– Ман аз он ки ба мақсади осоиши Ватан ва осудагии халқамонро таъмин кардан дар низоми корҳои дохилӣ хидмат мекунам, бағоят мамнун мебошам, – мегӯяд А.Нурматов. – Дар арафаи ҷашни касбӣ соҳиби хонаи духуҷрагӣ гардидам ва ин ба дӯши ман масъулияти бузург мегузорад. Пеш аз ҳама ба Президенти кишварамон, ки барои мо чунин имкониятҳои хубро фароҳам меоварад, миннатдорӣ баён мекунам.

Воқеан соли 2018-ум дар вилоят барои ходимони мақомоти ҳуқуқу тартибот дар маҷмӯъ 8 хонаи 5 ошёнаи дорои 240 ҳуҷра сохта ба истифода супурда шуд. Дар соли 2019-ум бошад, 6 хонаи панҷошёнаи дорои 180 ҳуҷра бунёд гардид.

Маросими ба истифода супурдани хонаҳо бо барномаи консертӣ хушояндтар гардид.

Дар тадбир ҳокими вилояти Навоӣ Қ.Турсунов баромад кард.

**Нуриддин РАҲИМОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

# ВАТАНАМРО БО САДОҚАТ ҲИМОЯ МЕКУНАМ

***Ҳар як бача аз синни мактабхонӣ ба ин ё он касб меҳр пайдо мекунад. Вале чунин касбҳое ҳастанд, ки ба онҳо ҳама бо меҳр муносибат мекунанд. Яке аз онҳо муҳофизи Ватан буда, бачаҳо ба аскар ва афсарон бо чашми ҳавас нигоҳ мекунанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, пас аз ба воя расидан дар Нирӯҳои Мусаллаҳи мамлакат хидмат кунанд.***

Маҳз ба туфайли бобоям Обидҷон Ҳорисов ва падарам Умедҷон Ҳорисов ба соҳаи ҳарбӣ ҳавасманд гардидам. Онҳо солҳои мактабхонӣ талаб мекарданд, ки барои бештар аз бар кардани фанҳои таълимӣ бо тарбияи ҷисмонӣ шуғл варзам.

Ҳар як маслиҳати муфиди падару бобоям ба ман болу пар мебахшид. Баъди хатми мактаби таълими ҳамагонии рақами 18-уми деҳаи Ахчаи ноҳияи Чуст барои омӯзиши таълими ҳарбӣ роҳи литсейи ҳарбии Фарғонаро пеш гирифтам. Ҳамаи имтиҳонҳои қабулро бомуваффақият супурда, дохил шудам.

Солҳои таҳсил дар литсей бароям мавсими мактаби ҳаёт гардид. Кӯшиш намудам, аз пайи касби дӯстдоштаам рафта, ба Омӯзишгоҳи олии ҳарбии авиатсионии Ҷиззах қабул шуда, сарҳадҳои ҳавоии Ватанамонро ҳифз намоям. Вале ин касб аз ҳар як нафар иродаи матин ва далериро тақозо мекунад. Инро аз таҳти дил дарк карда, ба Омӯзишгоҳи олии авиатсионии Ҷиззах (ҳозира Қаршӣ) дохил шудам.

Дар рафти таҳсил баробари соҳиби дониши амиқ гардидан бо техника ва силоҳи навини ҳарбӣ шинос шуда, ҳамаҷониба обутоб меёбам.

Дар омӯзишгоҳ барои мо – курсантҳо аз тарафи Президент, Сарфармондеҳи олии Нирӯҳои Мусаллаҳ барои садоқатмандона ҳимоя кардани Ватан як қатор вазифаҳо пешбинӣ шудаанд. Кӯшиш мекунам, баъди хатми омӯзишгоҳ ба ин ғамхориҳои сарвари давлат ҷавоби амалӣ гардонида, дар қисмҳои ҳарбии кишвар сарҳади ҳавоии Ватанамонро бо садоқат ҳимоя кунам.

**Шаҳриёр ОБИДОВ,**
**курсанти Омӯзишгоҳи**
**олии ҳарбии**
**авиатсионии Қаршӣ.**

Моҳонаи ватанпарварӣ

# ЭҲСОСИ САДОҚАТ БА ВАТАН

Ҳар сол дар мамлакатамон 14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан ба тарзи васеъ ҷашн гирифта мешавад. Соли ҷорӣ ба муносибати 28-умин солгарди Нирӯҳои Мусаллаҳ, аз 15 декабри соли 2019 то 15 январи соли 2020 моҳонаи ватанпарварӣ эълон гардида, таҳти шиори «Ватанпарварӣ – кафолати пешрафти миллӣ» дар саросари кишварамон бо аскарон ва афсарони қисмҳои гуногуни ҳарбӣ вохӯриҳо ва чорабиниҳои маданиву маърифатӣ баргузор мегарданд.

Лейтенанти калон Нодирбек Эргашев соли 2010 Омӯзишгоҳи олии ҳарбии авиатсионии Ҷиззахро хатм карда, имрӯзҳо дар яке аз қисмҳои ҳарбию ҳавоии вилояти Қашқадарё адои вазифа мекунад.

Дар чаҳорчӯбаи моҳона дар мактаб-интернати мо бо лейтенанти калон Нодирбек Эргашев вохӯрии хонандагон баргузор гардид. Вай оиди таҳсил дар омӯзишгоҳ ва сол аз сол такмил ёфтани қӯшунҳои Нирӯҳои Мусаллаҳ ибрози назар кард.

**Баҳодур АБДУРАҲМОНОВ,**
**омӯзгори мактаб-**
**интернати рақами 42-юми**
**ноҳияи Чусти вилояти**
**Намангон.**

# ҚАБУЛИ САЙЁРИ ҲОКИМ

***Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Пахтакор» (мактаби миёнаи №25)-и ноҳияи Вобканд қабули сайёри ҳокими вилояти Бухоро Ўктам Барноев ба амал омад.***

Дар тадбир роҳбарони идораю раёсат, ташкилоту корхонаҳои вилояту ноҳия, мутасаддиёни кор иштирок карданд. Як қисми масъалаҳои аз ҷониби муроҷиаткунандагон бамайдономада дар худи ҳамин ҷо ҳаллу фасл гардид. Қисми дигараш барои чорабинӣ ба назорат гирифта шуд.

Бояд таъкид намуд, ки ба ҳокими вилоят нафақат корафтодагони вобкандӣ, балки сокинони дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ бо масъалаҳои худ муроҷиат карданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

Эҳсоси Ватан

# ҚУЛЛАИ ФАРҲАНГ

Вақте Бухоро гуфтем, шаҳри шариф, муқаддас ва нурафшоне пеши назарамон падидор мегардад, ки ба рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми босазо ҳамроҳ карда, фарҳанги дунявиро бо дурдонаҳои бебаҳо ғановатманд сохтааст.

*Бухоро Моҳи Хосасту Ситора,*
*Бухоро гӯиё хуршедпора!*
*Бухорое, ки з-он рӯшандилиҳост,*
*Тамаддуни башарро – гоҳвора.*

Исмоили Сомонӣ ва Наршахӣ, Имом Бухорӣ ва Абдухолиқи Ғиҷдувонӣ, Ориф ар-Ревгарӣ ва Анҷир Фағнавӣ, Ар-Рометанӣ ва Бобои Самосӣ, Саййид Мир Кулол ва Баҳоуддини Нақшбанд...

Чӣ қадар инсонҳои бузург ва шахсиятҳои нотакрорро гаҳвораи ноз гардид ва дар оғӯши меҳр парварду ба тамаддуни башарӣ тақдим сохт ин шаҳри файзнок. Инсонҳои муътабар, аз қабили шоирон, олимон, муаррихон, муҳаддисону фаҳеқон, ки ҳар яке мавқеи хос дар китоби маърифату фарҳанг доранд, маҳз аз Бухоро баромадаанд ё дар Бухоро касби камол намудаанд, фикр мекунем гоҳо. Рӯйхати ин гуна шахсиятҳои номдор – худ як китоб!

Ибни Сино, ки яке аз рамзҳои тибби ҷаҳон, пири комили табибони Машриқзамин аст, низ зода ва парвардаи Бухорост.

*Гулободӣ, дилободӣ, Бухоро,*
*Ту шаҳри илму эҷодӣ, Бухоро.*
*Биҷӯяд то илоҷи дарди дунё,*
*Ба дунё Буалӣ додӣ, Бухоро.*

Қофиласолори назм Рӯдакиро натанҳо форсигӯёни дунё, балки мардуми шарқ чун пири хирад эътироф месозанд. «Рӯдакӣ устоди шоирони ҷаҳон аст», гуфта буд Кисоӣ.

Бо шарофати як қасидаи Рӯдакӣ, ки дар он радифи «ояд ҳаме» такрор мегардад, Ҷӯи Мулиён воқеъ дар Бухоро ҳанӯз маълум ва машҳур.

*Бухоро, Рӯдакӣ шеъри равонат,*
*Суруди ӯ – суруди ҷовидонат.*
*Ба гӯши ҷонам ашъори тари ӯ,*
*Расонад бӯи Ҷӯи Мулиёнат.*

Ва гумоне Ҷӯи Мулиён бештар аз даҳ аср инҷониб маҳз шеъри тари Рӯдакии бузургворро такрор ба такрор замзама менамояд.

Бухоро, ки аз муқаддасшаҳрҳост ва инсонҳои муътабар зиёд дар он кору зиндагӣ кардаанд, дар ҳар қадами он – як зиёратгоҳ. Ҳар зиёратгоҳ – осори атиқа.

*Калонманор гӯё шоҳсатрат,*
*Зи гулҳои Лаби Ҳавз ояд атрат.*
*Ту қасри дину оинҳои покӣ,*
*Чаҳор устун, Бухоро, Чор Бакрат!*

Толибони илм аз кишварҳои Шарқ ба Бухоро меомаданд. Дар мадрасаҳои он таълим гирифтан муҷиби ифтихор буд.

*Дамидӣ ҳамчу субҳи тозаи илм,*
*Дамондӣ чор сӯ овозаи илм,*
*Гумонам, ёздаҳ дарвозаат буд,*
*Бухоро, ёздаҳ дарвозаи илм.*

Бухоро аз қадим баробари Шарқ эътибори Ғарбро низ ба худ мекашид. Ин буд аврупоиён ҳанӯз дар асрҳои миёна Бухороро «Шаҳр-музей» меномиданд.

*Бухоро дафтари шеъру таронаст,*
*Равон дар кӯчаҳои он фасонаст.*
*Бухоро – гӯшаи таърихи зинда,*
*Зи таърихи куҳан осорхонаст.*

Сайёҳоне, ки ба ин ҷо омадаанд, бо таассуроти калон баргашта, сафарномаҳои ҷолиб навиштаанд. Сайёҳи испаниягӣ Моратинос ин тавр қайд кардааст: «Ин маскани куҳна аз худаш нури аҷибе паҳн мекунад, таҷаллии он саҳаргоҳон дар баландии манорҳо акс ёфта, ба қалби бинанда ҳарорат мебахшад».

Нур аз куҷо паҳн мешавад, манбаи зиё чӣ аст, ба ҳамаамон маълум. Худи Бухоро – як зиё, номи ин шаҳри шариф – рамзи нур ва равшанӣ.

*Бухоро, субҳи ту субҳи тилоист,*
*Таҷаллӣ дар ту умри босафоест.*
*Туӣ саршор аз нури Илоҳӣ,*
*К-аз он ҷону дили мо рӯшноист.*

Бухоро, чун ҳамаи шаҳрҳо, шоҳиди таърихи умумибашарист. Вале чунин ба назар мерасад, баъди воқеаҳои соли нуздаҳсаду ҳабдаҳ, аниқтараш 1-2 сентябри соли 1920 ин шаҳри шариф ҷабри инсонҳои касиф бештар кашид. Ҳам аз замин, ҳам аз ҳаво бомбаборон гашт. Бойигариҳоро тороҷ сохтанд. Ёдгориҳои мӯъҷизаомез ба харобаҳо табдил ёфтанд.

*Бухоро замоне шаҳрёрон,*
*Ҳамекарданд гӯё шеърборон.*
*Вале бо ҳукми чанде нобакорон*
*Бухоро шуд дучори тирборон.*

Вале аҳли Бухоро азму иродат аз даст надод. Бо шарофати дигаргуниҳое, ки рӯй доданд, ба барқарорӣ рӯй овард. Файз баргашт ба он. Нур баргашт. Хайру шарофат баргашт. Лаклакҳо, ки нопадид шуда буданд, низ ба Бухоро баргаштанд:

*Ба ту ҳам илм, ҳам эҷод баргашт,*
*Ба ту барпову ҳам бунёд баргашт.*
*Даромад файз – бикшо боли парвоз,*
*Бухоро, бар ту лаклакҳот баргашт!*

Баъд аз Маккаи мукаррама ва Мадинаи мунаввара сеюмин шаҳри муқаддаси ислом эътироф гардидани Бухоро ба аксарияти мо маълум. «Ҳаҷи хурд» низ мегӯянд Бухороро ва боумед, бо як ҷаҳон ихлосу эътиқод онро зиёрат мекунанд. Бухорои шариф, ҳамин тавр, рамзи нур ва равшанӣ дар дунёи ислом.

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки шаҳри Бухоро барои соли 2020 чун пойтахти фарҳанги исломӣ эълон гардид ва бори дигар собит шуд, ки ин шаҳри шариф дар дунёи ислом мақом ва ҷойгоҳи фавқулоддаро соҳиб аст.

**Ш. МУҲАММАД.**



*Дар ҷамоати шаҳрвандони овули «Қазоқдарё»-и ноҳияи Мӯйноқи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бинои нави муассисаи таълими томактабии 9-ум ба истифода супурда шуд.*
*Бинои дуқабатаи муассисаи мазкур дорои 90 ҷой буда, тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Онро бунёдкорони ҶММ «Ёрқин қурилиш» сохта ба истифода доданд.*
*Хонаҳои гурӯҳҳо бо ҷиҳозҳои нав, бозича ва анҷомҳои хониш пурра таъмин гаштаанд.*
*Барои фаъолияти маҳфилҳои забони англисӣ, русӣ, санъати тасвирӣ ва дигар шароити мусоид муҳайё аст.*
***Дар сурат:** дар муассисаи таълими томактабии 9-уми ҷамоати шаҳрвандони овули «Қазоқдарё»-и ноҳияи Мӯйноқ.*
***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

## Доир ба гиромидошти Ватан

*Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,*
*Ҷавонони шоистаи корзор.*
*Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,*
*Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.*
*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.*
***

*Далерӣ зи ҳушёр будан бувад,*
*Диловар сазои ситудан бувад.*
***

*Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,*
*Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.*
***

*Мадоред бе дидбон марзи хеш,*
*Падид оваред андар ин арзи хеш.*
*Мадоред бозор бе посбон,*
*Ки ронад ҳаме номи мо бар забон.*
***

*Ба мардиву ганҷ ин ҷаҳонро бидор,*
*Назояд зи модар касе шаҳриёр.*

***Абулқосим ФИРДАВСӢ***

*Саъдиё, ҳубби Ватан гарчи ҳадисест саҳеҳ,*
*Натавон мурд ба хорӣ, ки ман ин ҷо зодам.*

***САЪДӢ***

*Ватан, дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту,*
*Ман аз он сӯи укёнус бишнидам садои ту.*
*Агарчӣ дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд,*
*Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту...*
***

*Агарчӣ борҳо афтодам аз ёру диёрам дур,*
*Ба сайёҳӣ маро карданд гарчӣ дӯстон машҳур.*
*Вале ман дар ҳама ҷо, дар ҳама кунҷу канори даҳр,*
*Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур.*

***Мирзо ТУРСУНЗОДА***

***

*Ватан ҷои нахустоғози умр аст,*
*Ватан таҳкурсии парвози умр аст.*
*Муқаддас дошт бояд ин Ватанро,*
*Ватан – як дояи мумтози умр аст.*

***Лоиқ ШЕРАЛӢ***

*Мусофир ҳар куҷо бошад Ватанро дӯст медорад,*
*Ки булбул дар қафас бошад, чаманро дӯст медорад.*

***ХАЛҚӢ.***

## ХАБАРҲО

### Мулоқоти судяҳо дар маҳаллаҳо

***Вақтҳои охир дар роҳи мустаҳкамсозии қонуният дар соҳаи идоракунии давлатию ҷамъиятӣ, мустақилият ва озодии том касбнамоии ҳокимият, қабул шудани ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқие, ки ба таъмини шаффофияти сохтори суд нигаронида шудаанд, корҳои муҳим ба иҷро расонида шуданд.***

Бо вуҷуди ин дар таъмини кафолатноксозии фаъолияти суд, ҳифзи ҳуқуқ ва озодии шахс дар давраи то мурофиаи суд баъзе норасоиҳо мавҷуданд, таъкид сохт Президент дар ҷамъомади мутантан бахшида ба 27-солагии қабули Конститутсия. Муҳофизони ҳуқуқ, аз ҷумла, кормандони идораҳои суд аз таъкиди сардори давлат хулосаи дуруст бароварда, имрӯзҳо дар маҳалҳо бо аҳолӣ вохӯриҳо мегузаронанд. Дар мулоқоти як гурӯҳ ходимони суди ҷиноии ноҳияи Юнусобод бо сокинони маҳаллаи Увайсӣ баробари фаъолони маҳалла ҷавонону донишҷӯён, мактаббачагон, мутахассисони соҳаҳои гуногун, ки ба масъалаҳои суду ҳуқуқ бефарқ нестанд, иштирок намуданд. Таъкид ёфт бе баланд бардоштани сатҳи дониш ва маданияти ҳуқуқӣ дар ин ҷабҳа ба пешравӣ ноил шудан душвор.

Мулоқоти кормандони соҳа таҳти шиори «Маҳаллаи ман – довари ман» дар мавзеъҳои дигари ноҳия давом мекунад.

### Бозёфти тозаи ҳафриётӣ

***Осорхонаи таърихӣ-фарҳангии вилояти Фарғона имрӯзҳо хеле серодам. Экспонатҳо торафт бой мегарданд. Ба наздикӣ аз мавзеи Зангуштеппаи ноҳияи Тошлоқ, ки аз ҳудуди тозаи археологист, зарфҳои сафолӣ ёфт шуданд.***

Мувофиқи тахмини ҳафриётшиносон онҳо ба давраи ҳукмронии Қароҳониён мутааллиқанд. Ашёҳои нодире, ки ёфт шудаанд, ба асбобҳои рӯзгоре, ки имрӯз мавриди истифода мебошанд, то андозае монанд.

Умуман, вақтҳои охир бозёфтҳо аз водии Фарғона диққати олимони ҷумҳурӣ ва марказҳои илмии байналхалқиро ба худ кашида, дар бойтар сохтани таърихи диёр ва чун кишвари қадимаи мутамаддин муаррифсозии сарзаминамон дар миқёси ҷаҳонӣ саҳм мегузоранд.

### Моҳона муташаккилона мегузарад

***Ба муносибати 28-умин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ва Рӯзи муҳофизони Ватан дар маҳалҳо мусобиқаҳои варзишӣ, марафонҳо, тадбирҳои маърифативу маънавӣ рӯйи кор меоянд.***

Дар доираи моҳонаи ватанпарварӣ чорабиниҳое, ки дар қисмҳои Округи ҳарбии шарқии тобеи Вазорати дифоъи ҷумҳурӣ сурат мегиранд, низ ҷолиб мегузаранд. Намоишҳои техникаҳои ҷангӣ бо иштироки мактабиён эътибори умумро ба худ мекашад. Саволу ҷавобҳо марбут ба мавзӯъҳои ватандӯстӣ ва истифода аз аслиҳаҳои замонавӣ ба васеъ шудани доираи ҷаҳонбинии муҳофизониояндаи Ватан мусоидат месозад.

Яке аз чорабиниҳо, айни замон, дар варзишгоҳи марказии ноҳияи Бӯстонлиқ баргузор гардид. Аз рӯйи ҷанги дастӣ хидматчиёни ҳарбӣ қувва санҷида ва баромади намоишии онҳо дар шакли сабқат ба ҳозирон як олам таассурот гузошт. Дар зӯрозмоие, ки таҳти шиори «Ватанпарварӣ – кафолати болоравии миллӣ» сурат гирифт, ҳарбиёни ҷавон дар усулҳои акробатикӣ, зарбаҳои ногаҳонӣ бо дасту по маҳорат ва чустучолокии ба аҷдод хос намоиш доданд. Ба баромадҳои намоишӣ ҳайати доварон баҳои муносиб гузоштанд. Ҷасорати ҳарбиёни Округи шарқӣ ба ҷойи аввал муносиб дониста шуд. Ҷойи дуюм ба шермардони Округи ғарбӣ (гурӯҳи «Аланга») ва ҷойи сеюм ба далерони Округи ҳарбии Тошканд (гурӯҳи «Йўлбарсҳо») насиб кард.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Дар арафаи Соли нав дар ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах бинои нави Маркази хидматҳои давлатӣ ба истифода супурда шуд.*
*Дар бинои марказ Қабулхонаи халқӣ, қабулхонаи сарвазир барои дида баромадани муроҷиатҳои соҳибкорон, китобхона,*
*майдончаи модару кӯдак, инфокиоск, ускунаи электронии ишоракунии навбат мавҷуд мебошад. Дар биное, ки дар асоси шарикии давлативу хусусӣ барпо шудааст, барои хидматчиёни мизоҷон ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст. Иштирокчиёни ҷамъомад бо ташкили ҷараёни кор ва қулаиҳо барои хидматчиён шинос шуданд.*
***Дар сурат:** бинои нави Маркази хидматҳои давлатӣ.*
***Суратгир: Ҷ.ЁРБЕКОВ (ЎзА).***

Фурӯғи субҳи доноӣ

# КИТОБ – ДӮСТИ БЕҒАРАЗ ВА БЕМИННАТ

Духтари хурдсол будам. Ҷевони падари омӯзгорам пури китоб буд. Дар хона ба корҳои модарам ёрӣ мерасондам. Модарам, ки китобхониро дӯст медошт, ҳар замон мефармуд, ки чанги ҷевон ва китобҳои падарамро тоза кунам. Аз чӣ бошад, ки ин супориши ӯ ба ман хуш меомад. Ҳангоми пок кардани китобҳо ба расмҳои онҳо дуру дароз зеҳн мемондам, дар варақи аввали китобҳо сурати шоиру нависандагон ба назар мерасид. Ба таъсири он ки падарам номашонро бо ҳурмату эҳтиром ба забон мегирифт, онҳо ба назари мо ва атрофиён инсонҳои донишманд ва бузург менамуданд. Масалан, падарам ҳангоми ба забон гирифтани номи Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, албатта калимаи «устод»-ро илова мекард. Шояд тарбияи падару модар буд, ё таъсири муҳит ба китобхонӣ мо низ унс гирифтем. Он солҳо китобхонаи мактаб низ пури китоб буд. Падарам, омӯзгорон, зиёиён ва хонандагони деҳа ба номгӯйи зиёди рӯзномаву маҷаллаҳо обуна мешуданд, нархашон дастрас буд. Масалан, нархи як нусха рӯзномаи «Овози тоҷик» (он вақт «Ҳақиқати Ўзбекистон» ном дошт) 2 тин буд. Мардум обуна мешуд. Дар оила танҳо падарам кор мекард, бо вуҷуди ин дар баробари рӯзномаву маҷаллаҳои ноҳиявию вилоятӣ ба маҷаллаву рӯзномаҳои «Садои Шарқ», «Маориф ва маданият», «Занони Тоҷикистон» ва ғайра обуна мешуд. Рӯзномаҳо аз роҳи дур бошад ҳам, дар вақташ омада мерасид. Хидмати почта хуб ба роҳ монда шуда буд. Ба назар чунин мерасид, ки аҳолӣ он солҳо аз пушти ризқу рӯзӣ ва таъмини зиндагӣ камтар медавиданд, барои хондани китобу рӯзнома ва маҷаллаҳои гуногун вақт ёфта метавонистанд. Таълиму тарбия ҳамин хел ба роҳ монда шуда буд, ки хонандагони пешқадам дар хондани китоб байни ҳам мусобиқа мекарданд. Вақте ки калонсолтар шудам, бо ташвиқи падару модарам ба хондани китобҳои бадеӣ рӯ овардам. Повестҳои «Одина», «Ятим», «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»-и устод Садриддин Айнӣ, повесту романҳои «Субҳи ҷавонии мо», «Калтакдорони сурх», «Восеъ»-и устод Сотим Улуғзода, роману повестҳои «Духтари оташ», «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро», «Тори анкабуд»-и устод Ҷалол Икромӣ, роман ва қиссаву ҳикояҳои Раҳим Ҷалил, Пӯлод Толис, шеъру достонҳои устодони назм Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар ва «Афсонаҳои халқи тоҷик» аз даст ба дасти хонандагон мегашт, шеъразёдкунӣ ва байтбарак низ аз машғулоти дӯстдоштаи мактабиён буд. Дар донишкада ба олами китоб бештар фурӯ рафтем. Аз стипендия пасандоз карда аз «Тоҷиккитоб»-и шаҳри Самарқанд китобҳои шоиру нависандагонро мехаридем. Китоб дар дилу дидаи инсон як умр нақш мебандад, аммо маводи интернет имрӯз ҳасту пагоҳ нест. Ҳоло давру замон дигар шудааст. Асри XXI ба зиндагиамон бошиддат дохил мешавад. Солҳои охир компутерҳои замонавӣ, интернет ва дигар воситаҳо ҷойи китобҳои бадеиро танг кардаанд. Базеъҳо ба ғори интернет – шабакаҳои иҷтимоӣ дароянд, рӯз бегоҳ шуданашро намедонанд, гоҳо хӯрок хӯрдан ҳам аз ёдашон мебароянд. Пагоҳиҳо ҳангоми бо автобус, метро ва дигар нақлиёти умумӣ ба кор рафта омадан мебинед, ки ҷавонон ба олами телефонҳои дастии замонавӣ фурӯ рафтаанд. Фикр мекунед, ки онҳо оё аз дунёи ахбори гуногун, андаке бошад ҳам, ғизои маънавӣ мегирифта бошанд? Дилатон ба онҳо месӯзад, чӣ қадар вақти қиматашон беҳуда мегузарад, тарбияашон вайрон мешавад, майнаашон заҳролуд мегардад, орзу мекунед, ки кош дар дасти онҳо ба ҷойи телефон китоб, рӯзнома ё маҷалла мешуд.

Солҳои ҷавонии мо пиру ҷавон дар автобус ё боғҳои истироҳат китоб мехонданд. Ба фикрам, компутер, интернет ва дигар воситаҳои электронӣ фоида ҳам доранд, фақат аз онҳо бояд бо меъёр истифода кард. Масалан, китобҳои электронӣ, бохабаршавӣ аз рӯйдодҳои ҳақиқии ҷаҳон чӣ зарар доранд?...

Худо раҳмат карда бошад, бо вуҷуди он ки падарам омӯзишгоҳи педагогии Самарқанд ва Донишгоҳи давлатии Хуҷандро хатм намуда, баъди чанд вақт омӯзгорӣ кардан, директори мактаби деҳа буд, фориғ аз кору бор ва шабҳои дарози зимистон китоб мехонд, ба фикри ӯ мутолиаи китоб ба кору фаъолияти педагогиаш ёрӣ медод. Дар ноҳияи Нурато яке аз машъалони маориф буд. Дар ҳалқаи дӯстон ба ҷевони китобҳояш ишора карда мегуфт: «Ин китобҳо хазинаи дониш, аниси кунҷи танҳоии мананд». Ҳоло чунин ба назар мерасад, ки одамон, махсусан занон ба китобхонӣ вақт намеёбанд, рӯзҳо зуд бегоҳ мешаванд. Бо кору бори рӯзгор, хӯрондану пӯшондани бачаҳо ва майда-чуйдаҳои дигар банданд, бегоҳиҳо бо тамошои сериалҳо вақтро гузаронда, рӯзи дигар бо дугонаҳояшон на кирдору рафтори қаҳрамонони китобҳои хондаашон, балки рафтору кирдори қаҳрамонони сериалҳоро муҳокима менамоянд.

Рӯзе аз як ҳамсояам пурсидам : «Китоби бадеӣ мехонед?» Гуфт, ки вақти китобхонӣ надорад, аз кор вақте ки баргашт, корҳои хонаро ба охир расонда наметавонад.

Гузорам ба хонаи хеши дурам афтид. Медонистам, ки падару модари ӯ инсонҳои маърифатнок буданд. Чашмам ба ҷевони китоб афтид. Варақҳои китоб зард, кандагӣ, ба рӯйи онҳо ҳар хел расму хат кашида буданд.

– Чаро китобҳоро эҳтиёт намекунӣ? – пурсидам аз ӯ.

– Баъди вафоти падару модарам ин китобҳоро ҳеч кас варақ намезанад. Бачаҳо ҳама бо забони ӯзбекию русӣ мехонанд. Ин китобҳоро намефаҳманд, – бепарвоёна ҷавоб дод хешам. Аз ҷавоби ӯ дилам озурда гашт. Се-чор дона китоби саҳифаҳояш бутунро бо худ гирифтам. Ва таъин намудам, ки онҳоро ба омӯзгорон, зиёиён ва аҳли фаҳми маҳаллааш, ки аксарият тоҷиконанд, бурда супорад. Ҳамчунин, ба гурӯҳҳои тоҷикии мактабҳои олӣ ва миёна ин гуна китобҳо чун обу ҳаво заруранд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

## Баҳодур РАҲМОНОВ:

# «РӮЗНОМА БОЯД ҲАМҚАДАМУ ҲАМНАФАСИ ЗАМОН БОШАД»

***Инак, сӣ сол боз нашрияи Шӯрои намояндагони халқ ва ҳокимияти вилояти Самарқанд – “Овози Самарқанд” чоп мешавад. 15-уми январи соли равон дар Маркази ҷавонони Самарқанд ҷашни 30-солагии рӯзнома ба нақша гирифта шудааст. Мо ба ҳамин муносибат бо сармуҳаррири рӯзнома, доктори фалсафа Баҳодур РАҲМОНОВ суҳбат ороста, ба чанд пурсиши худ посух гирифтем.***



– Алҳол рӯзномаи «Овози Самарқанд» ба сифати оинаи ҷамъият ҳамрозу ҳамдарди мардуми вилоят аст, – мегӯяд Баҳодур Убайдуллоевич. – Он пайваста барои баррасӣ ва ҳаллу фасли мушкилоту муаммоҳои ҷомеа, инъикос кардани дастовардҳои аҳли вилоят мекӯшад. 1-уми январи соли 1990 орзуи деринтизори аҳли фарҳанги Самарқанд ҷомаи амал пӯшид, яъне шумораи аввалини рӯзнома чоп шуд. Дар замони бозсозиҳо ва истиқлолият бо ташаббусу кӯшиши як гурӯҳ маърифатпарварони Самарқанд нашрияи нав ба майдон омад. Воқеан, ин минбари озоди тоҷикон ва тоҷикзабонони вилоят дар муддати кӯтоҳ байни мардум эътибору маҳбубият пайдо кард. Сармуҳаррири аввалин – журналист ва нависанда Нор Остонзода дар давоми фаъолияти ҳафтсолаи худ барои аз лиҳози мазмуну муҳтаво беҳтар гардидани рӯзнома ва ташаккул додани муҳити адабии эҷодӣ, ба пой рост шудани «тифли фарҳангӣ» саҳмгузорӣ намуд. Дар саҳифаҳои рӯзнома баробари мақолаҳои танқидӣ, таҳлилӣ ва илмии олимони шинохта, адибон, омӯзгорони ботаҷриба ва зиёиён маҳсули хомаи мардуми оддӣ – намояндагони касбу кори гуногун низ мунтазам чоп мешуданд ва ин анъана то ҳол идома дорад.

Моҳи октябри соли 1998 ба нашрия номзади илмҳои филологӣ, рӯзноманигори ботаҷриба Ғафурҷон Маҳмудов сармуҳаррир таъин гардид. Замон пеш мерафт ва рушди мамлакат дар назди кормандони он масъалаи ҳамнафасу ҳамқадами замон буданро пеш мегузошт. Ғ.Маҳмудов марди масъулиятшиносу ӯҳдабаро буд, барои беҳсозии вазъи иқтисодии рӯзнома талош кард ва дар фурсати кӯтоҳ аз ӯҳдаи ин кор баромад. Саҳифаҳои рӯзнома рангоранг шуданд, миқдори муштариёни он афзуд. Аз чопи қӯрғошимӣ ба тарзи саҳифабандии компютерӣ гузаштани рӯзнома, дар асоси қарори ҳокими вилоят ба таври мутантан таҷлил шудани 10-солагии таъсисёбии «Овози Самарқанд», ташкил кардани саҳифаҳои махсус аз ҷумлаи комёбиҳои даврони сармуҳарририи ӯст. Яке аз воқеоти муҳиме, ки амалӣ гардид, бо формати нав, дар андозаи А-2 саҳифабандӣ ва ранга чоп шудани саҳифаҳои рӯзнома мебошад. Ғафурҷон Маҳмудов дар назди таҳририят мактаби рӯзноманигоронро ташкил кард, ки ҳоло шогирдони ин мактаби маҳорат дар сохтори матбуот фаъолияти босамар доранд, ҳатто нашри рӯзномаву маҷаллаҳои хусусии худро ба роҳ мондаанд. Соли 2011, пас аз вафоти Ғ.Маҳмудов, ба «Овози Самарқанд» рӯзноманигор, яке аз шогирдони «Мактаби эҷодкорони ҷавон» Озодҷон Хидиров (Ҳамидзода) сармуҳаррир таъин гардид. Бо сарварии ӯ соли 2015 дар ҳаёти рӯзнома ҳодисаи деринтизори аҳли фарҳанги Самарқанд рух дод: ҳафтае ду маротиба нашри рӯзнома ба роҳ монда шуд.

**– Ва баъд Шумо сардабир таъин гардидед...**

– Оре, ба амри тақдир алҳол дар зимма вазифаи пурмасъул, вале шарафманди роҳбарӣ ба рӯзномаро дорам. Ростӣ, ман пас аз муҳаррир шудан дарк кардам, ки ин вазифа аз кас ҳам хабарнигору таҳиягар, ҳам роҳбару соҳибкор буданро тақозо мекардааст. Ҳамчун роҳбар, пеш аз ҳама, ба масъалаи ҷобаҷогузории кормандон ва мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникии таҳририят эътибор дода, рӯзноманигорони ботаҷриба ва баробари ин ҷавонро ҷамъ кардем. Фаъолияти сайти расмии рӯзнома ба роҳ монда шуд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ саҳифа ва шабакаҳои рӯзнома ташкил гардид.

Дар назди таҳририят «Мактаби маҳорати журналистони ҷавон»-ро аз нав ташкил кардем, ки 12 нафар ҷавонон дар ин мактаб соҳиби донишҳои назариву амалии рӯзноманигорӣ гардида, сертификат гирифтанд, рӯзномаи махсуси «Навқалам» интишор ёфт. Таҳти рукни «Китобхонаи «Овози Самарқанд» нашри китобҳоро ба роҳ мондем ва аввалин асар бо номи «Саодати дӯстӣ» иборат аз намунаҳои тарҷумаи шеърҳои шоирони муосири адабиёти ӯзбек рӯйи чопро дид, ки дар озмуни «Энг улуғ, энг азиз!» дар номгӯйи «Асарҳои бадеии шоиру нависандагон» сазовори ҷойи дувум гардид. Комёбии назарраси рӯзнома дар соли 2018 соҳиби ҷоизаи озмуни байналмилалии XIII миллии «Қалами тиллоӣ» шудани он аст.

Инчунин, дар анҷоми сол озмуни «Сайқали Замин» гузаронида, соли 2018 дар назди рӯзнома бо ёрии сарпарастон фаъолияти шабакаи иҷтимоӣ ва торномаи ovozi.uz ба роҳ монда шуд.

**– Соли гузашта рӯзнома чӣ тадбирҳоро гузаронд?**

– Соли 2019 таҳририят анъанаи чопи китобҳоро давом дода, таҳти рукни «Китобхонаи «Овози Самарқанд» китобҳои «Айнишиносӣ дар Самарқанд» – «Самарқандда Айнийшунослик»-ро бо ҳамкории Музей-мамнӯъгоҳи давлатии Самарқанд ва маҷмӯаи насрнависон бо номи «30 гуфтор аз 30 тор»-ро якҷо бо Маркази миллию мадании тоҷикон ва тоҷикзабонони Самарқанд чоп кард. Алҳол таҳти сарварии Президенти мамлакат ба масъалаҳои таъмин сохтани ҳамдилӣ ва ошкоргӯии байнимиллӣ дар ҷомеа, мустаҳкам намудани муҳити дӯстӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳи муҳаббат ва садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ, инкишоф додани робитаҳои маданиву маърифатӣ бо кишварҳои хориҷӣ эътибори алоҳида дода мешавад. Бо ташаббуси ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов ба мақсади мустаҳкам кардани пойгоҳи моддию техникии таҳририят туҳфа шудани таҷҳизоти корӣ, технологияҳои нави ахбору коммуникатсионӣ ба маблағи 180 миллион сӯмина ва тақдим гардидани мошини хидматӣ самараи ҳамин сиёсати оқилона аст.

Моҳи сентябри соли ҷорӣ дар маҷмӯаи варзишии «Афросиёб»-и шаҳри Самарқанд бо мақсади таъмини иҷрои яке аз панҷ ташаббуси муҳими сарвари давлат, ки ба фароҳам овардани шароити зарурӣ барои тарбияи ҷисмонии ҷавонон, намоён кардани қобилияти варзишии онҳо равона карда шудааст, оид ба навъи фудокан каратэдо мусобиқаи ҷумҳуриявӣ, дар доираи иқдоми «Ҳаётатро шукуфон кун!» марафони пиёдагардии экологӣ гузаронида шуданд.

Ҳоло муштариёни рӯзнома хабар ва мақолаҳои рӯзноманигорони ботаҷриба Бахтиёр Ҷумъа, Тошқул Азимзода, Раҳматулло Шарифзода, Толиб Юнусзода, Ҷамшед Обидов, Фозил Шукуров, Дилрабо Насимова, Наврӯз Бобоаҳмадов, Фаридун Юлдошев, Ситора Раҳмонбердиева, Ҳошимҷон Қӯчқоров, Умед Фарҳодзода ва дигаронро бо завқ мутолиа мекунанд. Чанде пеш қарори ҳокими вилоят дар бораи таҷлили 30-солагии таъсиси рӯзномаи «Овози Самарқанд» қабул гардид. Бояд гуфт, ки истиқболи 30-юмин солгарди таъсиси рӯзнома тадбири маъмулӣ нест. Мақсад аз он баррасии таърихи сисола, бурду бохти таҳририят, тарғибу ташвиқи рӯзнома дар байни мардум, боз ҳам маъруф ва маҳбуби ҳамагон кардани «Овози Самарқанд» ва тараннум намудани дӯстии халқҳо мебошад.

**– Дар соли 2020 чӣ нақшаҳо доред?**

– Анҷоми сол ин баҳонае барои сарҳисоби соли кӯҳан аст, то бурду бохти худро дар давоми сол таҳлил кунем. Шукр, ки соли 2019 барои ҷамоаи рӯзнома пурсамар буд. Мо дар соли 2020-ум низ нақшаҳои зиёд дорем. Ҳоли ҳозир музди меҳнати кормандон 20 дар сад зиёд карда шуд, дар давоми сол боз бештар кардани он дар назар аст. Чопи китобҳои «30 номаи рӯзнома» ва «Овози Самарқанд: дирӯз ва имрӯз» ба нақша гирифта шудааст.

**– Таманноҳои Шумо...**

– Аз фурсат истифода бурда, дар арафаи ҷашни 30-солагии таъсисёбии рӯзнома ба онҳое, ки то имрӯз бо ҷамоаи таҳририят ҳамкорӣ доштанд, ҳамдаму ҳамроҳ буданд ва ҳамеша дар дил меҳри «Овози Самарқанд»-ро парварда, баҳри тарғибу ташвиқи ин оинаи фарҳанги бузург заҳмат кашидаанд, миннатдорӣ изҳор менамоем.

Суҳбаторо

**З. ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Минбари омӯзгор*

# РОҲҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ НУТҚИ ДАҲОНӢ

Маданияти нутқи мактаббача аз бисёр ҷиҳат ба таъсири оила ва одамони гирду атроф вобаста мебошад. Маълум аст, ки талабагон, асосан дар мактаб бо забони адабӣ сухан карда, дар хона ва маҳалли истиқомат бо лаҳҷаи худ гуфтугӯ мекунанд. Ин ҳодиса ба аксарияти мактабҳо махсусан, мактабҳои деҳот бештар хос аст. Баъзе шахсони кӯтоҳандеш бо рафтори нодурусти худ ба пешрафти нутқи адабӣ ва маданияти нутқи бача халал мерасонанд. Чунончи, гоҳо мушоҳида мешавад, дар баъзе оилаҳо агар талабаҳо ногоҳ ин ё он калимаҳои маъмули забони адабиро таъкид карда мешавад, ки беҳтарин калимаҳои лаҳҷаю шеваҳои гуногуни забони тоҷикӣ бо мурури замон сайқал ёфта, хусусияти умумиистеъмолӣ пайдо карда, ба забони адабӣ дохил мегарданд. Шоирон ва нависандагони мо ба мақсади фардӣ кунонидани забони қаҳрамонони асарҳояшон бо нияти дуруст ва реалӣ шудани тасвирот, қувваи эмотсионалии образ аз калимаҳои шевагӣ эҳтиёткорона ва бамавқеъ истифода мебаранд.

Дар ҷараёни дарс муаллим хонандагонро хотиррасон мекунад, ки зиёд кор фармудани калимаҳои шевагӣ нутқи адабии шахсро вайрон менамояд, истеъмоли баъзе аз дар гуфтугӯ кор фармоянд атрофиён писханд зада, ба ӯ тамасхуромез менигаранд. Гарчанде ин гуна ҳодисаҳои манфӣ характери умумӣ надошта бошанд ҳам, алҳол ҷой дошта, ба зудӣ барҳам додани онҳо ба алоқаи мустаҳками мактаб, оила ва аҳли ҷамъият вобаста мебошанд.

Дар рафти кор ба он муваффақ шудан лозим аст, ки талабагон маънои луғавии диалектизмҳои дар матн корфармудашударо донista аз истеъмоли онҳо дар нутқашон худдорӣ намоянд. Ба ин бо роҳҳои гуногун: иҷрои машқи супоришҳои ҳархела, хониши мустақилона, мушоҳидаи нутқи куҳансолон ва ба қайд гирифтани калимаҳои шевагии нутқи онҳо ва монанди онҳо ноил шудан мумкин аст.

Муаллим бояд дар назар дошта бошад, ки мавқеи лаҳҷаю шева дар адабиёти шифоҳӣ бағоят калон буда, баъзе асарҳои фолклорӣ (достони “Шӯриши Восеъ”, эпоси “Гӯрӯғлӣ” ва ғайра) дар заминаи шеваҳои ҷудогонаи забони тоҷикӣ ба амал омадаанд. Барои фаҳмидани мазмун ва ғояи ин гуна асарҳо, ки дар дарсҳои адабиёт омӯхта мешаванд, донистани маънои калима ва гуфторҳои шевагӣ муҳим аст.

Дар рафти таълим ба талабагон онҳо натанҳо барои намояндагони маҳалҳои гуногуни тоҷикнишин номафҳуманд, балки боиси ранҷиши хотири якдигар ҳам шуда метавонанд. Аз ин рӯ, муҳимтарин воситаи алоқаи тоҷикони маҳалҳои мухталиф забони адабӣ мебошад, ки он аз як тараф, аз ҳисоби калимаҳои шеваҳои маҳаллӣ ғанӣ ва суфта мегардад, аз тарафи дигар, доираи истеъмоли калимаҳои шевагиро мунтазам танг карда меистад.

Муаллим бояд ба талабагон таъкид намояд, ки роҳҳои беҳтарини бо забони адабӣ гафтугӯ кардан ва кор нафармудани калимаҳои шевагӣ бештар мутолиа кардани асарҳои бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо, тамошои киною рафтан ба театрҳо, гӯш кардани ахбор, ба ҳамдигар бо забони адабӣ гуфтугӯ намудан, пайравӣ ба нутқи муаллим мебошад.

Барои дастрас шудани маводи таълимӣ ва шавқовар гузаштани дарс аз намудҳои гуногуни аёният, воситаҳои техникӣ, махсусан, магнитофон, ки дар он нутқи бачагон, одамони куҳансоли намояндагони ҳар маҳал сабт ёфтааст, истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Акрамҷон АМИНҶОНОВ,**
**мактаби рақами 11,**
**ноҳияи Сӯх.**


***Аукцион савдолари хабарномаси!***

«BEST AUKSION SAVDO» масъулияти чекланган жамияти
Бухоро шаҳар Ҳофиз Таниш Бухорий кўчаси 28-уй манзилида бўлиб ўтадиган аукцион савдоларига таклиф этади.

**I. 2020 йил 21 январ куни соат 11-00 да** ташкил қилинадиган такрорий аукцион савдоларига «Ўзбектелеком» АК Бухоро филиалининг 2019 йил 30 декабрдаги № 45-01-13/2786-сонли буюртма-хатига асосан корхона ҳисобидаги 1 лот бошланғич баҳоси 26 782 229 сўмдан иборат, 2001 йилда и/ч, д/р 80/858 GAA бўлган ДАМАС русумли автотранспорт воситаси;

2020 йил 21 январ куни аукцион савдолари бўлиб ўтмаган ЛОТ буйича 2020 йил 28 январ куни такрорий аукцион савдолари ташкил қилинади.

**II. 2020 йил 11 феврал куни соат 11-00 да** ташкил қилинадиган савдоларига «Ўзбектелеком» АК Бухоро филиали корхонасининг 2019 йил 30 декабрдаги № 45-01-13/2792-сонли буюртма-хатига асосан корхона ҳисобидаги 1 лот бошланғич баҳоси 12 751 425 сўмдан иборат, 1979 йилда и/ч, д/р 80/459 ААА бўлган ГАЗ-52 русумли автотранспорт воситаси; 2 лот бошланғич баҳоси 19 792 321,2 сўмдан иборат, 1989 йилда и/ч, д/р 80/025 LAA бўлган МАЗ-5549 русумли автотранспорт воситаси; 3 лот бошланғич баҳоси 14 624 136,90 сўмдан иборат, 1997 йилда и/ч, д/р 80/015 LAA, IVECO русумли автотранспорт воситаси; 4 лот бошланғич баҳоси 2 765 025 сўмдан иборат, 1990 йилда и/ч, д/р 80 СА 025 бўлган прицеп 2ПТС-4 русумли трактор тиркамаси; 5 лот бошланғич баҳоси 3 652 425 сўмдан иборат, 2003 йилда и/ч, д/р 80 ВА 532 бўлган прицеп 2ПТС-4 русумли трактор тиркамаси; 6 лот бошланғич баҳоси 12 485 602,5 сўмдан иборат, 2001 йилда и/ч, д/р 80/998 GAA бўлган ТИКО русумли автотранспорт воситаси; 7 лот бошланғич баҳоси 26 636 955,1 сўмдан иборат, 1984 йилда и/ч, д/р 80/018 LAA бўлган ЗИЛ-130А русумли автотранспорт воситаси; 8 лот бошланғич баҳоси 11 660 414,5 сўмдан иборат, 1988 йилда и/ч, д/р 80/019 LAA, УАЗ-330301 русумли автотранспорт воситаси; 9 лот бошланғич баҳоси 16 196 717 сўмдан иборат, 1989 йилда и/ч, д/р 80/037 LAA бўлган ГАЗ-5327 русумли автотранспорт воситаси; 10 лот бошланғич баҳоси 12 021 834,3 сўмдан иборат, 1990 йилда и/ч, д/р 9520 БВ бўлган Т-28хА русумли трактор аукцион савдоларига қуйилмокда.

2020 йил 11 феврал куни аукцион савдолари бўлиб ўтмаган ЛОТ буйича 2020 йил 18, 25 феврал куни такрорий аукцион савдолари ташкил қилинади.

**III. 2020 йил 12 феврал куни соат 11-00 да** ташкил қилинадиган такрорий аукцион савдоларига Бухоро вилоят ички ишлар бошқармаси доимий ишчи комиссиясининг 2019 йил 30 декабрдаги йиғилиш баённомаси 4-иловасига асосан бошқарма ҳисобидаги 1 лот бошланғич баҳоси 6 371 150 сўмдан иборат, 1996 йилда и/ч, д/р 80/018VSF бўлган Дамас русумли автотранспорт воситаси; 2 лот бошланғич баҳоси 35 714 633 сўмдан иборат, 1999 йилда и/ч, д/р 80/245 VSF бўлган IVECO русумли автотранспорт воситаси; 3 лот бошланғич баҳоси 38 541 944 сўмдан иборат, 1999 йилда и/ч, д/р 80/246VSF бўлган IVECO русумли автотранспорт воситаси; 4 лот бошланғич баҳоси 3 876 053 сўмдан иборат, 1996 йилда и/ч, д/р 80/813 VSF бўлган ВАЗ 21061 русумли автотранспорт воситаси; 5 лот бошланғич баҳоси 38 847 558 сўмдан иборат, 1999 йилда и/ч, д/р 80/248VSF бўлган Отайўл русумли автотранспорт воситаси; 6 лот бошланғич баҳоси 7 055 719 сўмдан иборат, 2002 йилда и/ч, д/р 80/288VSF бўлган Матиз русумли автотранспорт воситаси; 7 лот бошланғич баҳоси 5 254 095 сўмдан иборат, 1994 йилда и/ч, д/р 80/362 VSF бўлган УАЗ 31512 русумли автотранспорт воситаси; 8 лот бошланғич баҳоси 7 032 071 сўмдан иборат, 1991 йилда и/ч, д/р 80/058 VSF бўлган Форд русумли автотранспорт воситаси; 9 лот бошланғич баҳоси 4 138 840 сўмдан иборат, 1999 йилда и/ч, д/р 80/029 VSF бўлган Тико русумли автотранспорт воситаси; 10 лот бошланғич баҳоси 5 288 862 сўмдан иборат, 2002 йилда и/ч, д/р 80/421VSF бўлган Матиз русумли автотранспорт воситаси; 11 лот бошланғич баҳоси 4 389 306 сўмдан иборат, 2003 йилда и/ч, д/р 80/673VSF бўлган ВАЗ 21099 русумли автотранспорт воситаси; 12 лот бошланғич баҳоси 4113 940 сўмдан иборат, 2002 йилда и/ч, д/р 80/674VSF бўлган ВАЗ 2107 русумли автотранспорт воситаси; 13 лот бошланғич баҳоси 4 080 118 сўмдан иборат, 2002 йилда и/ч, д/р 80/799ОАА бўлган ВАЗ 21099 русумли автотранспорт воситаси; 14 лот бошланғич баҳоси 2 857 203 сўмдан иборат, 1990 йилда и/ч, д/р 80/277 VSF бўлган ВАЗ 21061 русумли автотранспорт воситаси; 15 лот бошланғич баҳоси 5 196 540 сўмдан иборат, 2000 йилда и/ч, д/р 80/349VSF бўлган Нексия русумли автотранспорт воситаси; 16 лот бошланғич баҳоси 5 113 523 сўмдан иборат, 1996 йилда и/ч, д/р 80/804ОАА бўлган Нексия русумли автотранспорт воситаси; 17 лот бошланғич баҳоси 2 823 375 сўмдан иборат, 1992 йилда и/ч, д/р 80/309 VSF бўлган ВАЗ 21059 русумли автотранспорт воситаси; 18 лот бошланғич баҳоси 2 233 393 сўмдан иборат, 1991 йилда и/ч, д/р 80/314VSF бўлган ваз 21061 русумли автотранспорт воситаси; 19 лот бошланғич баҳоси 5 547 669 сўмдан иборат, 1991 йилда и/ч, д/р 80/131VSF бўлган РАФ 22031 русумли автотранспорт воситаси;

2020 йил 12 феврал куни аукцион савдолари бўлиб ўтмаган ЛОТ буйича 2020 йил 19, 26 феврал куни такрорий аукцион савдолари ташкил қилинади.

**Аукцион савдосида иштирок этиш истагидаги талабгорлар диққатига.**

Аукцион савдоси ғолибига 5 (беш) кунлик муддат ичида мулк учун тўловларини тўлаш мажбурияти юклатилади.

Аукцион савдоларида иштирок этиш истагидаги талабгорлардан савдоларда иштирок этиш учун белгиланган шаклдаги буюртманомалар «Аукцион ташкилотчиси» томонидан Бухоро шаҳар, Ҳофиз Таниш Бухорий кўчаси, 28-уй (2-қават) манзили буйича аукцион хабарномаси эълон қилинган кундан бошлаб «Аукцион» савдоси ўтказилиши белгиланган санаси кунидан бир кун олдин соат 16-00 га муддатга қадар (байрам ва дам олиш кунларидан ташқари) қабул қилинади.

Аукцион савдоларида иштирок этиш истагида бўлган талабгорлар «Аукцион ташкилотчиси» билан тузиладиган закалат пули тўғрисидаги келишув шартномасига асосан мулк бошланғич баҳосининг 10 фоизи миқдордаги закалат пулларини тўлашлари ҳамда жисмоний шахслардан паспорт нусхаси, ҳуқуқий шахслардан давлат руйхатидан ўтганлиги тўғрисидаги гувоҳнома, устави нусхаси ва савдода қатнашувчи ишончли вакил учун тасдиқланган ишончнома тақдим этилиши сўралади.

Закалат тўлови учун реквизитлар: «BEST AUKSION SAVDO» масъулияти чекланган жамияти СТИР 305300366, МФО 00115, АТБ Қишлок қурилиш банки Бухоро минтақавий филиалидаги ҳисоб рақами 20208000300842711002.

Буюртманомаларни қабул қилиш ёки қўшимча маълумотлар учун манзил ва телефон.
**«Аукцион ташкилотчиси» – «BEST AUKSION SAVDO» масъулияти чекланган жамияти.**
**Манзили: Бухоро шаҳар Ҳофиз Таниш Бухорий кўчаси, 28-уй (2-қават).**
**Тел: +998 91 414-97-00.**
**E-mail: bas_savdo@mail.ru, гувоҳнома № 576174**


***Кумитаи бонувон, Маркази илмӣ-амаливу тадқиқотии «Оила», Шӯрои вилоятии Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон, Садорати тандурустӣ, Бунёди «Маҳалла» якҷо бо фаъолони маҳаллаҳо дар шаҳри Ҷиззах ҷамъомадеро таҳти унвони «Бист имконият барои ҷавонон» барпо намуд.***

# ПЕШГИРИИ ВАЙРОНШАВИИ ОИЛАҲОИ ҶАВОН

Ташаббускорон иқдом намудаанд, ки оилаҳои ба парокандашавӣ моилро назди худ хонда, корҳои фаҳмондадиҳиро ба анҷом расонанд. Аз ҷумла, доир ба муқаддасии оила, якдигарфаҳмӣ, аҳливу тифоқӣ – шарти муҳими оиладорӣ буданро таъкид намоянд.

Аз 34 маҳаллаи ҳудуди шаҳри Ҷиззах 19 оилаи ба ҷудошавӣ моил даъват гардид ва 3 оиларо созиш доданд.

Назар ба маълумотҳо, айни ҳол дар вилоят зиёда аз ҳаштод ҳазор оилаи ҷавон ҳаст. Беш аз сесад оила соли 2019 ба муросо омад. Мутаассифона, 700 оила хавфи ҷудошавӣ дорад.



*Осоиштагии оила, сиҳҳатии фарзанд боиси хотирҷамъии кас, омили муваффақиятҳо дар фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Ин, бахусус, ба шахсоне, ки дар соҳаи ҳарбӣ фаъолият мебаранд, хеле муҳим аст.*

*Азназаргузаронии тиббие, ки Бунёди хайриявии байналхалқии «Соғлом авлод учун» ташкил намуд, дар солимгардонии оилаи хидматчиёни ҳарбӣ, саривақт муайян кардани касалӣ ва табобати дурусти он аҳамияти муҳим касб менамояд.*

*Чорабинии мазкур мувофиқи нақшаи Бунёд дар доираи иҷрои қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳои тайёрӣ ва муносиб гузаронидани 28-умин солгарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан» ташкил гардид.*

***Суратгир: Муҳаммад АМИН (ЎзА).***

# ТАДБИРҲОИ ҲАРБӢ-ВАТАНПАРВАРӢ

***Ба пешвози 28-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва 14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан дар вилояти Ҷиззах якчанд чорабинии ҳарбӣ-ватанпарварӣ баргузор гардид.***

Чунончи, хидматчиёни қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ аз ҳоли ҷанговароне, ки дар набардҳои зидди фашистон мардонавор ҷангида, ҷасорат нишон додаанд, хабар гирифтанд. Ба онҳо тӯҳфаҳо тақдим намуданд. Ба хонаи хидматчиёни ҳарбие, ки дар вақти адои вазифа ҷони худро қурбон кардаанд, низ ташриф оварда, сари фарзандони онҳоро сила намуданд.

– Ба ғайр аз ин дар хонаи Бунёди «Нуроний» фахриёни меҳнат бо як гурӯҳ курсантҳое, ки омӯзишгоҳи ҳарбиро хонда, барои ба хидмати ҳарбӣ рафтан омодагӣ мегиранд, вохӯрӣ ба амал омад.

Нурониҳо азизу муқаддасии хоку оби Ватан, ҳимояи он қарзи ҳар як ҷавони шуҷоъ буданашро ёдовар шуданд. Дар навбати худ курсантҳо ҳам аҳд намуданд, ки бо тамоми ҳастӣ ба хидмати Ватан камарбаста хоҳанд шуд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*


*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-135. Адади нашр 946, ҳаҷм 2 чузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
Х/С 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.